Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№12 (1161)

Чоршанбе, 20 марти соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




ПРЕЗИДЕНТ



**Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон**

дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе

с.2

НАВРӮЗ МУБОРАК!

**Наврӯз - азизтарин ҷашни миллӣ**

Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.М. Давлатзода бахшида ба иди Наврӯз

с. 4

ТАРТИБИ АНДОЗБАНДӢ

**Натиҷаи як санҷиш**

Соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби содакардашуда андозбандӣ мешаванд

с. 5

ТАҲЛИЛ

**Мақсад – ҳалли мушкилот**

Мушкилот барои фаъолияти мӯътадили роҳсозону ронандагон, кормандони идораҳои хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва ситоди ҳолатҳои фавқулода

с. 7

НАВРӮЗ МУБОРАК!

**Мақоми Наврӯз**

**Наврӯз аз қаъри асрҳо**

**Солномаҳои ниёгон**

**Баҳор муждае барои деҳқон аст**

с. 8-9

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Воситаи пешгирикунандаи қонуншиканӣ**

Тадбирҳо барои пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон

с. 13

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

## дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе

**Омӯзгорон ва хонандагони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Қабл аз ҳама шуморо ба муносибати фарорасии фасли баҳор ва Наврӯзи байналмилалӣ, ки ҷашни аҷдодии миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад, табрик мегӯям.

Тибқи анъанаи қадимаи халқамон дар арафаи ин ҷашни бузург мардум манзили зисташонро тозаву озода намуда, ашёи кӯҳнаву шикастаро аз манзили зист дур месохтанд, даст ба корҳои созандагиву ободкорӣ зада, ба соли нав бо нияти нек қадам мемонданд.

Маҳз дар идомаи ин анъанаи гузаштагони некноми худ мо имрӯз дар айёми омодагӣ ба истиқболи Наврӯз боз як иншооти нави таълимиро дар пойтахти кишварамон ба истифодаи насли ояндасози Ватанамон супоридем.

Бинои мазкур дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 18-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бунёд гардида, идомаи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳои ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муассисаи таълимии имрӯза барои 1560 ҷойи нишаст бунёд гардида, аз 4 ошёна, 38 синфхона, аз ҷумла, кабинетҳои фаннию озмоишӣ ва компютерӣ, шоҳмот ва рассомӣ, таълими меҳнат барои писарон ва духтарон дар алоҳидагӣ, инчунин китобхона, маҷлисгоҳ, толори варзиш ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад.

Илова бар ин, синфхонаи алоҳида барои маркази инкишофи кӯдак омода ва таҷҳизонида шудааст.

Яъне дар синфхонаҳои он барои истифодаи омӯзгорону хонандагон тамоми шароити зарурии сатҳи баланд бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, озмоишгоҳӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ муҳайё гардидаанд.

Мақсади асосии мо аз бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар шаҳри Душанбе дар баробари аз байн бурдани норасоии ҷойҳои нишаст барои хонандагони мактабҳои пойтахт баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мебошад.

Нишондиҳандаҳои солҳои охир шаҳодат медиҳанд, ки аҳли маорифи пойтахт дар ин самт ба пешравиҳои назаррас ноил шуда истодаанд.

Аз ҷумла дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе филиалҳои Маркази рушди истеъдодҳо таъсис дода шуда, дар онҳо кӯдакону наврасони болаёқат ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Маҳз ба шарофати ин тадбирҳо соли 2018-ум хонандагони муассисаҳои таълимии пойтахт дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ сазовори 149 ҷойи ифтихорӣ гардидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 78 ҷой зиёд аст. Шумораи ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ бошад, ба 213 нафар расидааст, ки нисбат ба соли гузашта 86 нафар зиёд мебошад.

Ҳамзамон бо ин, дохилшавии хатмкунандагони пойтахт ба муассисаҳои таҳсилоти олии дохили кишвар дар соли 2018 нисбат ба соли гузашта 25 фоиз ва ба муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи мамлакат 54 фоиз афзудааст.

Бо мақсади рушду такомули раванди таълиму тарбия дар соҳаи маорифи пойтахт бо қарорҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр соли 2018 се барномаи муҳимми рушд — Барномаи рушди соҳаи маорифи шаҳри Душанбе барои солҳои 2018-2020, Барномаи таъмини муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 ва Барномаи амалӣ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе барои солҳои 2018-2020 қабул ва амалӣ шуда истодааст.

Ин аст, ки раванди азнавсозиву бунёдкорӣ дар соҳаи маорифи пойтахт суръати бесобиқа касб намуда, ҳоло сохтмони 21 муассисаи таълимӣ барои зиёда аз 40 ҳазор ҷойи нишаст босуръат идома дорад ва дар сурати ба анҷом расидани корҳо дар иншооти оғозгардида ва ба нақша гирифташуда мушкилоти таъминот бо ҷойи нишаст дар пойтахт асосан ҳаллу фасл мегардад.

Бо дарназардошти он ки истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ имрӯз дар ҳама соҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи маориф ва дастрасӣ ба захираҳои электронии иттилоот хеле муҳим мебошад, ҳоло дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба як компютер 11 нафар хонанда рост меояд, ки ин ба меъёри муқараргардида баробар аст.

Тавре ки маълум аст, рушди муназзами ҷомеа, қабл аз ҳама, аз вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ, алалхусус, соҳаи маориф ва илм вобаста аст.

Маҳз бо ҳамин сабаб, Ҳукумати мамлакат ин соҳаҳоро дар маддц аввали сиёсати иҷтимоӣ гузошта, барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, маърифатнок ва соҳиби касбу ҳунар намудани онҳо тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Дар робита ба ин, андешидани тадбирҳои иловагӣ дар самти таълими илмҳои дақиқ ва ташвиқи наврасону ҷавонон ба ихтироъкориву навоварӣ аз ҷумлаи корҳои бисёр зарурӣ дар шароити муосир, яъне замони пешрафти бесобиқаи илму техника мебошад.

Ҳамчун ҳадафи стратегии миллӣ қарор додани саноатикунонии босуръати мамлакат тақозо менамояд, ки ба ин масъала ҳарчи бештар таваҷҷуҳ намуда, доир ба азхудкунии донишҳои замонавӣ, пайвастани илм бо истеҳсолот ва омода намудани мутахассисони соҳибкасби соҳаҳои техникӣ пайваста чораҷӯӣ карда шавад.

Саноатикунонии мамлакат тақозо менамояд, ки дар кишвар низоми муосири омода кардани кадрҳои коргарӣ, мутахассисони соҳиби таҳсилоти миёна ва олии касбӣ роҳандозӣ карда шавад.

Дар кишвар солҳои 2019-2021 ҳамчун солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида, барои бунёди заминаҳои нави саноатикунонии мамлакат иқдомоти зиёде амалӣ шуда истодаанд.

Аз ҷумла, дар доираи омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҳазорҳо иншооти нав ба нақша гирифта шудааст, ки аксарияти онҳо дар деҳот сохта мешаванд.

Ба ин восита мо метавонем, ки барои хонандагон, яъне наврасону ҷавонони деҳот шароити мусоиди зиндагӣ ва таълимро муҳайё намоем.

Дар баробари таълим ва азхудкунии илму донишҳои замонавӣ муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилотро зарур аст, ки ба масъалаҳои тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ба анъанаҳои неки гузаштагон сазовору содиқро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, якҷо бо оила ва ҷомеа дар асоси талаботи Консепсияи миллии тарбия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳоро тақвият бахшанд.

Дар пойтахти мамлакат тайи ду соли охир беш аз 300 майдончаи варзиш ба бозии кӯдакон сохта, ба истифода дода шуд ва ҳоло бунёди боз қариб 60 майдончаи дигар идома дорад, ки то охири соли ҷорӣ ба истифода супорида мешавад.

Эҳтиёт кардану тозаву озода нигоҳ доштани майдончаҳо, инчунин, синфхонаву муассисаҳои таълимӣ ва атрофи онҳо, хусусан, дар арафаи ҷашни Наврӯз, ки ойини покиву зебоӣ мебошад, вазифаи ҳар як сокини шаҳр, аз ҷумла аҳли маориф ва хонандагону донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Ба назар бояд гирифт, ки истифодаи оқилонаи майдонҳои варзишӣ, маҳфилҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ба хониши китобҳои бадеӣ ҷалб намудани насли наврас, муҳайё сохтани шароити мусоид барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва роҳандозии чорабиниҳои дигари фарҳангиву маърифатӣ дар самти тарбияи наврасону ҷавонон натиҷаи хуб медиҳанд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки дар зеҳну шуури афроди ҷомеа ва махсусан, наврасону ҷавонон, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, садоқат ба Ватан, миллат ва давлат, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва фарҳангу анъанаҳои ниёгон тарбия карда шавад.

Хотирнишон месозам, ки хонандагони мактабҳои пойтахти кишвар бояд аз ҳама лиҳоз, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати одобу ахлоқ, сатҳи донишу маърифат ва риояи қонуну тартибот пешсаф ва намунаи ибрат бошанд.

Дар иҷрои ин вазифаи бузургу пурмасъулият саҳми аҳли маориф ва кормандони муассисаҳои таълимӣ бояд калидӣ ва ҳалкунанда бошад.

Дар охир ба муҳандисону сохтмончиёни ватанӣ, ки бо заҳмати софдилонаи онҳо бунёди иншооти имрӯза дар муҳлати хеле кӯтоҳ ва бо сифати баланд ба анҷом расонида шудааст, барои саҳми арзандаашон дар фароҳам сохтани шароити мусоид барои таълими наврасону ҷавонони пойтахт миннатдорӣ изҳор менамоям.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳозирини арҷмандро ба муносибати ҷашни бузурги миллиамон – Наврӯз, ки чанд рӯз баъд фаро мерасад, табрик гуфта, ба ҳамаи шумо ҳаёти орому осуда ва ба хонандагони муассисаи навбунёди таълимӣ дар ҷодаи азхудкунии илму дониш ва омӯхтани касбҳои замонавӣ муваффақият орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва чун баҳори дар Ватани азизамон фарорасида сарсабзу хуррам бошед!**

# Ифтитоҳи Корхонаи мебелсозӣ дар шаҳри Душанбе

15 март дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маросими мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марҳалаи якуми корхонаи мебелсозии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Бисот" иштирок намуданд.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхонаи мазкур дар майдони қариб як гектар аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Иззатулло Давлатов бо харҷи беш аз 27 миллион сомонӣ сохта шудааст.

Дар маҷмӯъ иқтидори солонаи корхона коркарди зиёда аз 600 метри мукааб чӯб, 15 ҳазор адад тахтаҳои махсус, ба монанди ДСП, МДФ, ДВП ва истеҳсоли 1 ҳазору 500 маҷмӯи мебелҳои гуногуни мулоим буда, пешрафтатарин дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолӣ аз хориҷи кишвар, аз ҷумла Олмон ва Италия ворид карда шудааст.

Айни замон дар ин корхона зиёда аз 80 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд ва барои омода намудани мутахассисони соҳа аз ҷониби намояндагони бузургтарин ширкатҳои мебелбарории Олмон, Туркия ва Булғористон курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ низ ба роҳ монда шудаанд.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба истифода додани чунин корхонаҳо, ки асосан молу маҳсулоташон воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронида шудааст, дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати мамлакат қадами устувор ба ҳисоб меравад.

# Оғози сохтмони варзишгоҳ барои 30 ҳазор ҷойи нишаст дар шаҳри Душанбе

15 март дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба сохтмони варзишгоҳ барои 30 ҳазор ҷойи нишаст оғози расмӣ бахшида, бо лоиҳаи бунёди варзишгоҳи муҳташам шинос шуданд.

Ин иншооти калон дар масоҳати беш аз 9 гектар сохта мешавад ва дар он барои баргузории чорабиниҳои гуногуни варзишию фарҳангӣ шароити муосир фароҳам оварда хоҳад шуд.

Тавре зимни муаррифии лоиҳаи иншооти варзишӣ иттилоъ дода шуд, дар ҳудуди он бунёди биноҳои ёрирасон ва таваққуфгоҳ барои мошинҳо низ ба нақша гирифта шудааст. Варзишгоҳ аз чор минбар, ки дар ду сатҳ ҷойгир шудаанд, иборат мебошад.

Варзишгоҳи замонавӣ барои 30 ҳазор ҷойи нишаст, ки сохтмонаш оғоз гардид, тӯҳфаи арзишманди давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дӯстдорони соҳаи варзиш, аз ҷумла мухлисони футбол хоҳад буд.

# Суханронии
## Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 99 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе

**Омӯзгорони муҳтарам ва шогирдони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯзҳо сокинони сарбаланди Тоҷикистон барои истиқболи шоистаи ҷашни воқеан мардумӣ, яъне Наврӯз ё соли нави аҷдодӣ сарҷамъона ва бо амалӣ намудани иқдомоти созанда омодагӣ мегиранд.

Дар ин рӯзҳои фасли зебои баҳор бо саъю талоши сокинони пойтахти кишвари маҳбубамон — шаҳри Душанбе низ бисёр корҳои ободонӣ ба анҷом расида, силсилаи иншооту биноҳои нав ба фаъолият оғоз карда истодаанд.

Аз ҷумла имрӯз дар ноҳияи Сино бинои нави таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 99 ба истифода супорида шуд, ки ҳамаи шумо, устодону омӯзгорон ва фарзандони азизро ба ин муносибат самимона табрик мегӯям.

Муассисаи таълимие, ки имрӯз ифтитоҳ гардид, барои 1260 нафар хонанда бо маблағгузории Фонди Саудии Рушд бунёд шуда, дорои 26 синфхона, озмоишгоҳҳо, утоқҳои таълими меҳнат, омӯзиши технологияҳои компютерӣ, толори варзиш, китобхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад.

Дар ин мактаб, ки аз ҳама лиҳоз ба талаботи меъмории замони муосир ҷавобгӯ мебошад, барои хонандагон ғайр аз шароити беҳтарини таҳсил, инчунин, ҷиҳати машғул шудан ба чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ ва варзиш тамоми имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд.

Бинобар ин, ба меъморону сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар ин кори хайр саҳм гузошта, бунёди муассисаи таълимиро дар муҳлати кӯтоҳ ва бо сифати баланд анҷом додаанд, изҳор сипос менамоям.

Ҳукумати кишвар дар даврони истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи баланд бардоштани нишондиҳандаҳои рушди неруи инсонӣ тавассути дастрасӣ ба таҳсилот ва муҳайё кардани инфрасохтори зарурии таълиму тарбия эътибори аввалиндараҷа дода, ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, фароҳам овардани шароити муосири таълиму тарбия ва дастгирии иҷтимоии омӯзгорону хонандагони лаёқатманд, махсусан, дар пойтахти мамлакат ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Бо дарназардошти он, ки аҳолии шаҳри Душанбе торафт зиёд ва шумораи хонандагон низ сол ба сол афзоиш меёбад, талабот ба ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ бештар мегардад.

Алҳол дар пойтахт беш аз 52 ҳазор нафар хонандагон дар ду баст таҳсил мекунанд, ки чунин вазъ мунтазам бунёд кардани инфрасохтори иловагӣ, яъне мактабу синфхонаҳои иловагиро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, моҳи феврали соли 2017 ҳангоми мулоқот бо роҳбарону фаъолони шаҳр дастур дода будам, ки дар муддати се сол, яъне то соли 2020 дар шаҳри Душанбе 25 муассисаи нави таълимӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Дар доираи татбиқи ин супориш ҳоло бо ҷалби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ ва аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ бунёди 22 муассисаи таълимӣ бо беш аз 40 ҳазор ҷойи нишаст идома дорад.

Дар зарфи ду соли охир дар ҳудуди шаҳри Душанбе сохтмони 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои зиёда аз 11 ҳазор хонанда ба маблағи умумии 113 миллион сомонӣ ва ду муассисаи томактабӣ ба анҷом расонида, ҳамаи онҳо саривақт мавриди истифода қарор дода шуданд.

Ҳоло барои боз ҳам беҳтар гардонидани раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии пойтахт, таъмини онҳо бо утоқҳои фанниву озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ се барномаи муҳим татбиқ шуда истодаанд.

Дар Паёми навбатии Президент ба Маҷлиси Олии мамлакат масъалаи фарогирии ҳарчи бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ таъкид гардид.

Бинобар ин, зарур аст, ки ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо, аз ҷумла бо роҳи ҷалби васеи бахши хусусӣ шумораи муассисаҳои томактабӣ мунтазам зиёд карда, барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Зеро таҳсилоти томактабӣ зинаи муҳимми омодагӣ ба дигар зинаҳои таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Имрӯз дар кишвар 636 муассисаи томактабӣ ва қариб 1700 маркази инкишофи кӯдакон фаъолият менамояд, ки дар онҳо 143 ҳазор кӯдак ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудааст.

Ин нишондиҳанда ҳамагӣ ба 14 фоизи шумораи умумии кӯдакони синну соли томактабӣ баробар мебошад. Тибқи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин рақам то соли 2021 ба 30 фоиз ва то соли 2030 ба 50 фоиз расонида шавад.

Дар шаҳри Душанбе 135 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла 31 муассисаи хусусӣ бо фарогирии 28 ҳазор нафар кӯдакон бо таълиму тарбия машғул мебошад, ки ин нишондиҳанда зиёда аз 33 фоизи шумораи кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ки ин нишондиҳанда дар миқёси мамлакат хеле назаррас мебошад, вале ҳанӯз талаботи торафт афзояндаро қонеъ карда наметавонад. Зеро бори дигар хотирнишон менамоям, ки муассисаҳои томактабӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак ва омода намудани ӯ ба мактаб нақши асосӣ доранд.

Ба хонандагоне, ки имрӯз муассисаи нави таълимӣ ба онҳо ҳамчун ҳадяи наврӯзӣ тақдим гардид, таъкид месозам, ки аз шароити фароҳамовардаи Ҳукумат самаранок истифода кунанд, ба қадри заҳмату ғамхориҳои калонсолон расанд ва бо сатҳи донишу маърифати баланд ва одобу ахлоқи ҳамидаи худ ҳамчун таълимгирандагони мактабҳои пойтахти мамлакат намунаи ибрати дигарон бошанд.

Шумо, фарзандони азиз ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки ояндаи давлат дар дасти шумост. Бинобар ин, кӯшиш кунед, ки бо омӯзиши илму донишҳои муосир ва касбу ҳунарҳои замонавӣ ба иҷрои чунин масъулияти баланд омода шавед, Ватани худро дӯст доред, онро обод кунед ва барои халқу давлати худ ҳамчун фарзанди бонангу номус хизмат намоед.

Дар баробари ин, омӯзгорону устодон ва падару модарон бояд ба фарзандон як масъалаи муҳимро фаҳмонанд, ки сокини пойтахт будан ва дар муассисаи таълимии он таҳсил кардан ҳам ифтихор ва ҳам масъулият аст ва онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва риояи қонунияту тартибот тарбия намоянд.

Дар охир бори дигар ҳар яки шумо — омӯзгорону шогирдони азиз ва падару модарони гиромиро ба ифтихори ҷашни Наврӯз – Соли нави аҷдодӣ ва ба муносибати ифтитоҳи боз як боргоҳи илму маърифат табрик гуфта, бароятон саломатӣ, муваффақият ва ба шумо, фарзандони азиз, хушбахтӣ ва хониши хубу аъло орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

# Оғози фаъолияти заводи истеҳсоли автобусҳо дар шаҳри Душанбе

**19 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ ба фаъолияти заводи истеҳсоли автобусҳо оғози расмӣ бахшиданд.**

Сохтмони корхонаи мазкур дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Акиа Авесто Автоматив Индастри» ба итмом расонида шуд. Ҷамъият ҳамчун ширкати муштарак аз ҷониби ширкати ватании Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авесто Гурӯҳ» ва ширкати тиҷоратии туркии «Улишем» таъсис дода шуда, бахри расидан ба ҳадафи миллии эълонгардида дар самти саноатикунонии кишвар роҳандозӣ шудааст.

Корхонаи муштарак иқтидори истеҳсолии автобусҳоро дар як сол то 300 адад расонида, шумораи кормандон аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ на кам аз 200 нафар хоҳад шуд. Ҳаҷми сармоягузорӣ барои бунёд ва ба роҳ мондани хати истеҳсоли воситаҳои нақлиёти ҷамъиятии мусофирбар 90 млн. сомониро дарбар мегирад.

Дар корхонаи мазкур 6 хатти истеҳсолӣ мавҷуд аст: хати кафшергарӣ, хатти таҳрангмолӣ ва рӯпӯшкунӣ, хатти рангуборкунӣ, хатти бастубанди механикӣ ва электрикӣ ва хатти назорати ниҳоии сифат мебошад. Ҳар як хатти истеҳсолӣ бо технологияҳои пешрафта ва муосир муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Қобили зикр аст, ки 200 адад автобуси харидоринамудаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо шарти бандубасти минбаъда дар ҳудуди кишвар аз ҷониби мутахассисони корхонаи муштараки "Акиа Авесто Автоматив Индастри" анҷом дода шуд.

Имрӯз дар корхона мутахассисон барои баланд бардоштани малака ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Туркия сафарбар гардида, аз рафти истеҳсолоти аввал то ба итмом расонидани истеҳсоли автобусҳо ва дигар намуди воситаҳои нақлиёт аз омӯзиш гузаштаанд.

Маҳз баланд бардоштани савияву малакаи мутахассисони маҳаллӣ барои сари вақт бандубаст ва тибқи тартиби муқарраргардида супоридани автобусҳо ба корхонаҳои коммуналии шаҳри Душанбе имконпазир гардонид ва айни замон муддати 1 сол аст, ки шумораи автобусҳои таҳвилёфта ва дар ҳудуди кишвар бандубастгардида дар хатсайрҳои пойтахт ба хизматрасонии ҳамлу нақли сокинон ва меҳмонони пойтахт равона гардидааст.

Автобусҳои бандубастшуда ва истеҳсолшаванда мутобиқ ба меъёрҳои стандарти байналмилалии "Евро 5", дорои муҳаррики ширкати бонуфузи "Мерседес Бенз" ва мутаҳаррики ширкати олмонии "Zahnrad Fabrik", инчунин тамоми қисмҳои эҳтиётӣ ва васлу насбшаванда бо кафолати махсус ва сифати баланд аз ширкатҳои номдори аврупоӣ ва туркӣ харидорӣ мешаванд. Тибқи нақша дар назар дошта шудааст, ки марҳала ба марҳала 5 намуди воситаи нақлиёти ҷамъиятии мусофирбар истеҳсол карда шавад. Дар мадди аввал автобуси дохилишаҳрӣ бо дарозии 12 метр ва бо ғунҷоиши 98 нафар мусофир, ки дар он 26 ҷойи нишаст ва 72 ҷойи ғайринишаст истеҳсол мегардад.

Яке аз хусусиятҳои рақобатнокии автобусҳои истеҳсолшаванда дар он аст, ки ҳамаи моделҳои автобуси тамғаи "Акиа" бо истифода аз технологияҳои муосир истеҳсол карда мешаванд, ки ин ба кам намудани вазни умумӣ оварда расонида, аз ин ҷиҳат сарфакунии харочоти сӯзишворӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин муҳлати истифодаи автобусҳо зиёд мегардад. Автобусҳо бо 5 камераи назоратӣ ва 2 экрани намоишдиҳанда, таҷҳизоти гармиву хунуккидиҳанда (кондитсионер) муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки бахри бехатарӣ ва барҳаво ҳамлу нақли мусофирон хизматрасонӣ менамоянд. Дар назар дошта шудааст, ки марҳала ба марҳала истеҳсоли микроавтобус ва мошинҳои боркаш низ ба роҳ монда мешавад.

# Наврӯз- азизтарин ҷашни миллӣ



## Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.М. Давлатзода бахшида ба иди Наврӯз

**Ҳамкасбони азиз! Шуморо бо фарорасии фасли зебои Баҳор ва Наврӯзи оламафрӯз самимона табрику таҳният гуфта, бароятон саломатӣ, бахту саодат ва осоиши хонадонро таманно дорам.**

Бузургдошти оини Наврӯз бо шарофати сиёсати хирадмандона ва фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол аз сол вусъати тоза гирифта, дар сатҳи умумихалқӣ ва байналмилалӣ таҷлил кардани он ба ҳифзи симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, пойдории рукнҳои асосии давлату давлатдорӣ, орзуву омоли наҷиби созандагӣ ва густариши арзишҳои милливу умумибашарӣ арҷгузорӣ доштани миллати тоҷик ифода мегардад.

Наврӯз қадимтарин ва азизтарин ҷашнҳои миллии мардуми ориёинажод буда, бо мурури замон ба иди дар ҳақиқат халқӣ мубаддал шудааст. Халқи мо беҳтарин орзуву умеди худро, қабл аз ҳама, бо Наврӯз, яъне соли нави аҷдодии хеш пайванд медиҳад. Наврӯз пайки шодиву сурур, шукуфоиву зебоӣ, оғози киштукори баҳорӣ, паёми эҳёи табиат мебошад ва гардише дар рӯҳу ҷони одамон падид меорад.

Наврӯз дар Тоҷикистон ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ эҳё гардид, шукуҳу шаҳомати тоза пайдо кард ба ва яке аз ҷашнҳои бузургу муқаддаси миллати тоҷик табдил ёфт. Қобили зикр аст, ки Наврӯз таърихи бисёр дерина дошта, оини бедориву хушҳолӣ барои инсоният мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб арзишҳои онро, ки ба нафъи ҷомеа мебошанд, худи ҷомеа, яъне халқ пос медорад. Дар айёми наврӯзӣ ҳаёт бар марг, садо бар сукут, гармӣ бар сардӣ ғалаба мекунад.

Наврӯз аз рӯи моҳияту мазмун ва номи гуворояш ба тоҷикон иртиботи воқеӣ дошта, бо лафзи шевои тоҷикӣ дар забон ва тамаддуни дигар халқу миллатҳо ҷойгир гашта, мавқеъ ва ифодаи ҷовидонаи худро ёфтааст.

Доир ба таърихи пайдоиш, шукуҳу шаҳомат ва ҳикмату фалсафаи ин оини нек дар осори гаронбаҳои гузаштагони мо, аз «Авесто» то “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти фаровон зикр гадида, дар онҳо мақому манзалат ва бузургии ин оини ростин тавсиф шудааст.

Бо дарназардошти аҳамияти умумибашарии Наврӯз ин ҷашни бостонӣ бо ташаббуси Тоҷикистон ва дастгирии даҳҳо кишвари олам, аз ҷумла мамлакатҳои ҳавзаи Наврӯз, бо қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Мутаҳид мақоми байналмилалӣ гирифт, ки ин падида, албатта, мояи ифтихори мардуми фарҳангии тоҷик ба ҳисоб рафта, ҳар сол дар рӯзи ҷашнгирии ин оини ростини қадимӣ хусусиятҳои хоси миллии онро, ки аз ниёгони бузургамон мерос мондаанд, ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд.

Дар ин робита, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр кардаанд: «Мо ифтихор мекунем, ки Тоҷикистон ватани Наврӯз аст ва дар сарзамини мо тантанаҳои наврӯзӣ ҳамчун оғози корҳои баҳорӣ ва файзу баракати сол, пеш аз ҳама, ба кишоварзон неруи тоза мебахшанд».

Миллати барӯманди тоҷик Наврӯзи некпайро ҳамасола бо шукру сипос ва ифтихору сарфарозӣ аз сулҳу субот ва ваҳдати милливу ҳамдилии тамоми мардуми мамлакат, бо дастовардҳои бузург пешвоз мегиранд.

Аз Наврӯзи гузашта то Наврӯзи имсола дар кишварамон басо навгониҳо рух додаанд. Мардуми шарифи тоҷик санаҳои муҳими таърихиро ҷашн гирфт, ба дастовардҳо ноил шуд.

Бисту дуюми марти соли 2018 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об – «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»» бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмаи умумии Созмони Милали Мутаҳид расман оғоз гардид.

Ёдрас мешавем, ки дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханрониашон дар маросими ифтитоҳи Комфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», ки 20 июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид карданд: «Дар понздаҳ соли охир мо саъю талошҳои муштаракамонро дар чаҳорчӯбаи татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013» ҳамаҷониба тақвият бахшидем. Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд».

Ба кор андохтани агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун», яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишварамон дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегатии миллӣ- истиқолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳалли масъалаҳои дар тӯли беш аз бист сол бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯйдоди дигари таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардум мебошад.

Ба ин дастоварди бузург Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баъди мулоқоту музокироти дуҷониба, сафарҳои давлатии роҳбарони ҳарду давлат ва ба имзо расидани созишномаи шарикии стратегӣ байни ин кишварҳо муваффақ гардиданд. Дар натиҷа, хушбахтона, рафтуомади озодонаи мардум таъмин гардида, миллионҳо шаҳрванди ҳарду мамлакат ба дидори хешу табори худ муяссар шуданд ва ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратию гуманитарӣ хеле таҳким ёфтанд.

Бояд гуфт, ки бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад. Чуноне ки ба назар мерасад, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста тадбирҳои судманд меандешад. Бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, воқеан, барои ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, дар маҷмӯъ, тараққиёти босуботи иқтисоди кишварро таъмин менамояд.

Ёдовар мешавем, ки дар соли 2018 бо мақсади бартараф кардани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон шуда буд, ки алҳол аз он қариб ду ҳазор субъекти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархурдор гардиданд.

Пешвои миллат, пешниҳод намуданд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишвар «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» амалӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, мо дар заминаи дастуру супоришҳои паёмии Пешвои миллат бояд соҳибкоронро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагиро амалӣ созем. Ҳангоми адои вазифаҳои хизматиамон, инчунин хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя намоем.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз таҳти роҳнамоии Президенти кишвар ва Ҳукумати мамлакат ба яке аз ниҳодҳои бонуфузи ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Маҳз таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир маъмурикунонии андоз дар Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, дуруст муайян гардида, самтҳои афзалиятноке, ки барои рушди минбаъдаи мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудаанд, ҷавобгӯи тамоюлҳои муосири байналмилалии рушди мақомоти андоз ва татбиқи онҳо, пеш аз ҳама, дониши мукаммали касбӣ ва масъулияти баланди кормандони соҳаро тақозо менамояд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз хубтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад ва бо изҳори қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар ин самт имрӯз мақомоти андоз тавонистанд як қатор корҳоро ба анҷом расонанд. Аз ҷумла, солҳои охир бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорон, ба роҳ мондани пешниҳоди электронӣ ба субъектҳои хоҷагидор оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ва осон намудани оғози бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ чораҷӯӣ карда шуд.

Бо мақсади бештару беҳтар ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон, машғулиятҳои бозомӯзӣ бо кормандони соҳаи андоз ва, дар маҷмӯъ, афзун намудани самаранокии чорабиниҳо, мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки дар ин самти фаъолият аз технологияҳои муосир истифода кунанд. Мавриди амал қарор додани толорҳои видеоконференсия дар Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, биноҳои раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилояти Суғд ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва дар шакли Марказии тамос роҳандозӣ кардани фаъолияти Бахши иттилоотӣ гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Шароити хуби корӣ ба самаранок гардидани фаъолияти кормандони соҳа, албатта, мусоидат менамояд. Ин аст, ки бо мақсади фароҳам овардани шароити созгор барои фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва иҷрои уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон, бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми даҳ соли охир 35 бинои маъмурии нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат сохтаю ба истифода дода шуданд, инчунин панҷ бинои нозироти андоз азнавсозӣ гардиданд. Воқеан, фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ яке аз самтҳои барномаи рушди маъмурикунонии андоз буда, ба самаранокии фаъолияти кормандони соҳа мусоидат хоҳад кард.

Умуман, Наврӯз сарчашмаи гаронбаҳои маънавӣ, воситаи муҳими сарҷамъ намудани тамоми сокинони кишвар, ҳидоятгари аҳли ҷомеа ба сӯи зиндагии осудаю пурбаракат ва босаодат мебошад. Наврӯзи ҷаҳонафрӯз ба мардуми куҳанбунёду соҳибфарҳанги мо дар иҷрои нақшаҳои созандагию ободкорӣ рӯҳу тавони тоза мебахшад.

Бори дигар Наврӯзи хуҷастапайро ба ҳамкорону ҳамкасбон ва андозсупорандагон муборакбод мегӯям. Орзумандам, ки ҷашни Наврӯз имсол ҳам нишоту шодмонӣ, нусрату фаровонӣ, дастархони пур аз нозу неъмат ва саодату хушбахтӣ ато намояд.

**Иди Наврӯз муборак, ҳамкорони азиз!**

**Мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз рӯи тартиби содакардашуда андозбандӣ мешаванд.**



# Натиҷаи як санҷиш

Дар ибтидо истифодаи патент ҳамчун зинаи нахустини фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад, зеро шаҳрванд фаъолияти худро дар навбати аввал бо тартиби содатарини андозбандӣ оғоз намуда, пас аз ба даст овардани маблағи кофӣ ва андӯхтани таҷрибаи соҳибкорӣ ба тартиби нави бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад. Дар он сурат тибқи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ соҳибкор ҳуқуқ пайдо менамояд, ки барои васеъ намудани доираи фаъолияти хеш коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, ҳисоботи муҳосибиро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломия пешниҳод намояд. Мутаассифона, тартиби мазкур барои ҳамагон возеҳу равшан бошад ҳам, вале баъзеҳо онро нодида гирифта, худсарона ва бе хабардошти мақомоти ҳудудии андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд ва тартиботи ҳуқуқиро дидаю дониста вайрон мекунанд.

Санҷиши амалиётие, ки дар асоси амрномаи сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон дар ҳудуди ҷамоати шаҳраки Ёвон бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2009 таҳти № 512 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти № 451 «Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият мекунанд», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 маи соли 2013 таҳти №210 «Дар бораи тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андоз ва андозбандӣ гузаронида шуд, қонунвайронкуниҳои зиёдеро дар фаъолияти соҳибкорони инфиродию шахсони ҳуқуқӣ ошкор намуд.

Дар ин давра фаъолияти 47 андозсупоранда, аз ҷумла 2 шахси ҳуқуқӣ, 45 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 9 нафар шахси воқеии бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳолатҳои зиёди қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардид.

Дар ҷараёни санҷиш, ҳамчунин, фаъолияти соҳибкории пинҳонии Фаридун Ҳасанов, Неъматулло Шарипов, Зафар Зиёев, Раҷабалӣ Лашкаров, Ҳасан Шулашов, Балхинисо Бобохонова, Фарҳод Саидов, Маҳмадшариф Ҳамидов ва Гуландом Ёрова, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудаанд, ошкор шуданд. Гурӯҳи корӣ бинобар сабаби бидуни қайд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан нисбати онҳо бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ба маблағи 13500 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дод. Маблағи пешбинишуда пурра ба буҷет пардохт шуд. Ҳамчунин, дар рафти санҷиш дар фаъолияти 4 нафар андозсупоранда ба маблағи 4898 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, онҳо ба мақомоти ҳудудии андоз эъломияи иловагӣ пешниҳод намуданд.

Санҷиши амалиётӣ нишон дод, ки бархе аз соҳибкорон нисбат ба талаботи Кодекси андоз бобати дар муҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намудани эъломия ва дигар ҳисоботи андозӣ бемасъулиятӣ зоҳир намуда, эъломияҳои андозро аз муҳлати муқарраршуда дер пешниҳод мекунанд ё умуман пешниҳод намекунанд. Соҳибкор Рустам Бобоев – роҳбари нуқтаи фурӯши орд, воҳиди алоҳидаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаллаи Суғд» дар ноҳияи Ёвон эъломияи андози худро ба мақомоти андоз дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардааст, ки нисбати ин амали ӯ мутобиқи қисми 3 моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, номбурда ба маблағи 1500 сомонӣ ҷарима гардид.

Масъалаи бақияи қарзи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ яке аз масъалаҳои ташвишовари мақомоти андоз маҳсуб меёбад, зеро пайдо шудани маблағи қарзи андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ танҳо бо айби муҳосибот ё роҳбарони аввали ин ва ё он корхона ба амал меояд. Муносибати хунукназарона нисбати пардохти маблағҳои андоз натанҳо боиси қонунвайронкуниҳо мегардад, балки корхонаро то дараҷаи муфлисшавӣ низ мерасонад.

Соҳибкори инфиродӣ Далерҷон Ибодов дар назди буҷа аз андози иҷтимоӣ қарздор будани худро фаромӯш карда буд. Нисбати соҳибкор барои афзоиш додани маблағи қарзи андози иҷтимоӣ дар асоси моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 4000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин намуданд.

Соҳибкори инфиродӣ Мустафо Каримов дар суроғаи Ҷамоати шаҳраки Ёвон, кӯчаи Р. Раҷабов чанд сол боз ба тайёр ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буда, борҳо аз ҷониби кормандони мақомоти андоз барои истифодаи нодурусти мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, ба мизоҷон надодани чипта ва дағалона вайрон намудани Дафтари пешбурди МНХ огоҳ карда шуда бошад ҳам, вале ӯ ҳар дафъа серкорию фаромӯшхотирии худро баҳона мекард.

Гурӯҳи корӣ Р. Раҷабовро барои ба мизоҷон надодани чипта дар асоси талаботи қисми 1, моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ айбдор дониста, ӯро ба маблағи 9000 сомонӣ ҷарима намуд.

Соҳибкори инфиродӣ Ҷаҳонбек Мусулмонов дар суроғаи Ҷамоати шаҳраки Ёвон, кӯчаи «Бозори тиҷорат» ба фурӯши либосҳо машғул мебошад. Дар ҷараёни санҷиш муайян шуд, ки Ҷ. Мусулмонов пешбурди дафтари сабти маблағҳои пулии нақдии МНХ ва дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратиро таъмин накардааст. Гурӯҳи корӣ бо дастрасии моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ӯ протоколи маъмурӣ тартиб дода, ӯро ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима намуд.

Баъзан холатҳое рух медиҳанд, ки соҳибкори инфиродӣ натанҳо дидаю дониста ба қонунвайронкунӣ даст мезанад, балки дар ҳар ҳолат садди роҳи фаъолияти кормандони андоз гардида, дигаронро низ ба напардохтани андоз талқин менамояд. Дар ҷараёни санҷиши амалиётӣ соҳибкорони инфиродӣ Умедҷон Зулфаков ва Диловар Мирзошарифов аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ саркашӣ намуда, ба санҷиши амалиётӣ монеъ шуданд. Дар натиҷа, Гурӯҳи корӣ нисбати соҳибкори инфиродӣ Умедҷон Зулфаков бо дастрасии қисми 1 моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 500 сомонӣ ва барои саркашӣ аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва монеъ шудан ба санҷиши амалиётӣ нисбати соҳибкор Диловар Мирзошарифов бо дастрасии моддаи 611 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2000 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб дод. Маблағи ҷарима пурра ба буҷет пардохт гардид.

Гурӯҳи корӣ нисбати қонунвайронкунандагон ба маблағи 4898 сомонӣ (бе назардошти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ) андозҳои иловагӣ ҳисоб намуда, маблағи номбурдаро пурра ба буҷа ворид намуд. Ҳамчунин, нисбати 21 нафар соҳибкор барои пинҳон доштани маблағи андоз, сари вақт ба дар муҳлати муайяншуда пешниҳод накардани эъломияи андоз, ба мизоҷон надодани чиптаи МНХ ва саркашӣ намудан аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои соҳибкорию монеъ шудан ба фаъолияти гурӯҳи корӣ ба маблағи 35000 сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб додаанд. Алҳол 80 фоизи маблағ ба буҷа пардохт шудааст. Ҳамзамон, 9 нафар шахси воқеӣ бо патент таъмин шуда, аз ҳисоби бақияи қарзи патент беш аз 18300 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**ноҳияи Ёвон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Прибыль «Ювентуса» за первую часть сезона-2018/19 упала на 83% по сравнению с прошлым сезоном




**«Ювентус» опубликовал данные о финансовой деятельности клуба по итогам первой половины сезона-2018/19 – до 31 декабря.**

Доходы составили 330 миллионов евро и выросли на 14% по сравнению с аналогичным периодом прошлого сезона.

Операционные расходы выросли на 27% - до 227 миллионов евро. Амортизационные траты составили 86 миллионов (рост - 42%). Операционные доходы упали на 67% — до 17 миллионов, прибыль до уплаты налогов составила 12 миллионов (падение - 75%), а прибыль по итогам финансового полугодия составила всего 7,5 миллиона – на 83% меньше, чем за первую половину сезона-2017/18.

Клуб объясняет такое понижение в основном сокращением доходов от рекламных контрактов футболистов и тратами на зарплаты тренеров и игроков.

**https://sportmail.ru/news/football-foreign/36473112/**

**Яке аз омилҳои иҷро нагардидани нақшаи даромади солонаи андозро муҳаққиқони соҳа аз пардохт нашудани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ аз тарафи андозсупорандагон медонанд. Мувофиқ ба таҳлили мутахассисони соҳаи андози вилояти Хатлон амалҳои саркашӣ аз пардохти андоз нигаронкунанда боқӣ мемонад.**

# Саркашӣ аз пардохти андоз



Дар робита ба ин, ҳуқуқшиноси Раёсати андози вилояти Хатлон Бахтиёр Каримов изҳор дошт, ки давоми моҳҳои январ ва феврали соли 2019 нисбати андозсупорандагон 22 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, онҳо тибқи моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима гардидаанд. Мавсуф илова намуд, ки дар ноҳияи Панҷ 9 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи банди 1 – и моддаи мазкур тартиб дода шудааст.

Маҳз дар ҳамин асос дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 7 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 4795 сомонӣ тартиб дода шуд. Дар шаҳри Бохтар давоми ду моҳи аввали соли равон як парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, маблағи ҷарима пардохт гардид.

Соли 2018 низ ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андоз ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа, нисбати андозсупрандагони бемасъулият парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мураттаб шудааст. Мутахассисон таҳлил намудаанд, ки баъзе андозсупорандагон дониста ба амалҳои пинҳон намудани объектҳои андозбандӣ даст мезананд. Аммо кормандони мақомоти андоз ба хотири сари вақт ошкор ва пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо ҳамарӯза дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон корҳои назоратӣ сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт кунанд.

**С. РУСТАМ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Нидерланды хотят ввести разумный налог на выбросы углекислого газа для компаний

Правительство страны намерено ввести налог для предприятий, которые сильнее всего загрязняют атмосферу

Власти Нидерландов собираются ввести разумный налог для компаний на выбросы углекислого газа. Об этом сообщил премьер-министр страны Марк Рютте в своей первой реакции на доклад Бюро по анализу экономической политики, в котором говорится, что Нидерланды могут не достичь поставленных климатических целей к 2030 г., передает ТАСС.

По его словам, правительство страны хочет ввести налог для компаний, которые сильнее всего загрязняют атмосферу. «При этом он должен быть разумным», чтобы предотвратить переезд компаний в другое государство, отметил он.

**http://taxpravo.ru**

# Ифшои маблағҳои пинҳон

**Муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, гузаронида мешавад.**



Вобаста ба ин, Гурӯҳи санҷиши амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва соҳибкории ғайриқонунии шӯъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе якҷоя бо нозиротҳои ҳудудии худ дар соли 2018 фаъолияти 2917 нафар андозсупорандаро зери санҷишу корҳои назоратӣ қарор доданд. Аз ин шумора 440 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 334 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 629 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 816 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 698 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Синоро ташкил медиҳад.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ маълум гардид, ки 607 нафар шахси воқеӣ бидуни қайд дар нозиротҳои андоз ҳамчун соҳибкор фаъолият доштаанд. Баъди муайян кардани ҳолат онҳо пурра бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин гардиданд.

Мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №210 «Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ», инчунин, талабот нисбат ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ» ҳатмӣ мебошад.

Барои истифода накардани МНХ соҳибкор дар асоси моддаҳои 614-615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Вобаста ба ин, кормандони Раёсат андоз дар шаҳри Душанбе дар соли 2018-ум, 122 андозсупорандаро бо МНХ дорои ТИЭ таъмин кард.

Аз ҷониби кормандони гурӯҳи санҷиши амалиётӣ давраи ҳисоботӣ 384 адад муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли 2017-ум 188 адад зиёд мебошад. Даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 7922879 сомонӣ буда, баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 15638544 сомонӣ зиёд карда шудааст, ки фарқияташ 7715665 сомонӣ мебошад.

Инчунин, дар фаъолияти соҳибкороне, ки муоинаи хронометражӣ гузаронида шуд, маълум гардид, ки онҳо шумораи зиёди коргарони кирояро ба қайд нагирифтаанд. Аниқтараш, 134 нафар коргари кирояи иловагиро гурӯҳҳои кории Раёсати андоз муайян кардааст. Соҳибкорони ифшогардида вазифадор шуданд, ки дар моҳи ҳисоботӣ шумораи коргаронро дар ҳисобварақаҳояшон зиёд намоянд.

Аз шумораи умумии андозсупорандагони тахти муоинаи хронометражӣ қароргирифта 171 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе рост меояд. Тибқи маълумот даромади умумии андозсупорандагоне, ки зери санҷиш қарор гирифтанд, то давраи муоинаи хронометражӣ 3372755 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 7708567 сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқияташ 4335812 сомонӣ мебошад. Яъне ба ҳар як муоинаи хронометражӣ гузаронидашуда 45000 сомонӣ рост меояд.

Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур шумораи андозсупорандагони зери санҷиш қароргирифта 86 ададро ташкил медиҳад. Маълум гардид, ки даромади умумии ин андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 1769641 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 3184274 сомонӣ зиёд шудааст. Фарқияташ 1414633 сомонӣ буда, ҳар як муонаи хронометражии гузаронидашуда 37000 сомонӣ мебошад.

16 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ марбут аст, ки даромади умумии онҳо то давраи муоинаи хронометражӣ 378502 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 695214 сомонӣ зиёд мебошад, ки фарқияташ 316712 сомониро ташкил медиҳад. Муайян шуд, ки ҳар як муонаи хронометражии гузаронидашуда ба 43000 сомонӣ баробар будааст.

Дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 57 андозсупоранда зери муоинаи хронометражӣ қарор гирифтааст. Даромади умумии онҳо то давраи амалиёт 1018873 сомониро ташкил медод. Баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ 1783021 сомонӣ афзудааст, ки дар ин миён фарқияти бавуҷудомада 764148 сомониро ташкил намудааст. Ҳамзамон, маълум шуд, ки ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 31000 сомонӣ рост меояд.

Аз шумораи умумии андозсупорандагони тахти муоинаи хронометражӣ қароргирифта 54 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино мансуб аст. Ҳамчунин, даромади умумӣ то давраи муоинаи хронометражӣ 1383108 сомониро дар бар мегирифт. Баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ тавре маълум гардид, 2267468 сомонӣ маблағи даромади андозсупорандагон зиёд шудааст. Дар ин миён фарқияти даромадҳо ба 884360 сомонӣ баробар гардидааст. Инчунин, ба ҳар як муонаи хронометражӣ 42000 сомонӣ рост меояд.

**Дар баробари корҳои анҷомдодашуда, гурӯҳҳои санҷиши амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ ва соҳибкории ғайриқонунии шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе уҳдадор гардидаанд, ки дар соли 2019 тамоми таҷриба ва кӯшишу ғайрати худро баҳри иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда равон созанд.**

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Мақсад – ғанигардонии буҷет



**Барфу боронҳои зимистони имсол на танҳо ба фаъолияти муътадили роҳсозону ронандагон, кормандони идораҳои хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва ситоди ҳолатҳои фавқулодда монеа эҷод кард, балки ба соҳибкорони ҳуқуқию воқеӣ имкон надод, ки мутобиқи нақшаву барномаҳои хеш амал намоянд.**

Ба гуфтаи сардори Нозироти андоз дар шаҳри Хоруғ Фахриддин Муҳиддинов, ҳавои сарду боронҳои пай дар пай нақшаи пардохти андозро низ тағйир дод. Зеро дар мувофиқа бо масъулини ширкатҳои сохтмонӣ ва марказҳои тиҷоратӣ нақшаи супурдани андоз барои моҳҳои январ феврал таҳия ва тасдиқ гардид ва мутобиқи он бояд ин муассисаҳо маблағи андози худро пардохт мекарданд. Одатан, боронҳои моҳҳои ноябру декабр оғоз гардида, бо фаро расидани зимистон қатъ мегардад ва аз нимаи дуввуми моҳи феврал боз шурӯъ мешавад. Аз ин рӯ, ҳамасола дар моҳи январ бинокорон бидуни таъхир кор мекарданд, аммо имсол бо сабаби ҳавои сард, селу тармафурой ва баста шудани роҳҳо сари вақт натавонистанд молу колои заруриро аз пойтахти кишвар интиқол диҳанд. Ҳамчунин, ҳавои сарду барфрезӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ таъсири бад мерасонад.

Яке аз чунин корхонаҳои калон, ки ҳамасола дар ғанисозии буҷаи шаҳр нақши муассир мегузорад, ин ҶДММ "Тураз Хоруғ" мебошад, ки аввали моҳи январ фаъолияташ қатъ шуд. Аз ин рӯ, аксари корхонаҳои истеҳсолӣ аз нақшаи қаблан тарҳрезшуда қафо монданд. Бахусус иҷрои нақша аз ҳисоби супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида ба таъхир афтод. Яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани маблағи буҷаи шаҳри Хоруғ он аст, ки дар чанд соли охир аксари корхонаҳое, ки ба сохтмони ин ё он иншоот машғуланд, ё дар қайди нозироти шаҳри Душанбе ва ё дар ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ мебошанд. Хуб мешуд, ки ба бунёди иншооти гуногунтаъини шаҳр он корхонаҳое ҷалб мешуданд, ки дар қайди нозироти андози шаҳри Хоруғ ҳастанд. Ногуфта намонад, ки ин масъала дар маҷлиси назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ёдгор Файзов, ки дар моҳи январ баргузор шуд, мавриди муҳокима қарор гирифт. Раиси вилоят гуфт, ки мутобиқи супориши протоколии Президенти кишвар минбаъд корхонаҳое, ки берун аз қайди нозироти андози шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ҳастанд, ё суроғаи ҳуқуқии худро иваз намоянд ва ё РСБ-ро гиранд ва мутобиқи он тамоми намудҳои андоз, аз ҷумла андоз аз даромад, андоз аз фоида ва андози ичтимоиро ба буҷаи маҳаллӣ супоранд. Бо ин васила, корҳои ободонию созандагӣ дар шаҳри Хоруғ равнақи тоза пайдо мекунад.

Дар ду моҳи соли равон мутахассисони нозироти андоз ба мақсади шарҳу тавзеҳи баъзе аз тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридшуда чанд бор бо соҳибкорон мулоқот доштанд. Онҳо аз он изҳори нигаронӣ намуданд, ки дар ду моҳ тиҷоратшон каме коҳиш ёфт ва аз ин рӯ, худашон манфиатдоранд, ки корашонро бештар равнақ диҳанд, то ҳам суди бештар ба даст оранду ҳам уҳдадории андозиро пурра иҷро намоянд. Ба гуфтаи сардори нозироти андози шаҳр, нишондиҳандаи пасттарини андоз аз амволу воситаҳои нақлиёт дар ҷумҳурӣ то моҳи декабри соли гузашта 50 сомонӣ буд ва мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи буҷети давлатӣ аз моҳи январи соли равон ин маблағ 55 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, бори дигар ба таваҷҷуҳи соҳибкороне, ки ба истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ машғуланд, расонида шуд, ки аз соли 2019 то 1 январи соли 2021 соҳибони корхонаҳои истеҳсолӣ аз тамоми санҷишу тафтишҳо озод карда шудаанд. Сардори Нозироти андози шаҳри Хоруғ изҳори умедворӣ кард, ки пас аз чунин тадбири муҳим шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои дигари вилоят рӯ ба афзоиш мениҳанд. Бо зиёд гардидани корхонаҳои истеҳсолӣ сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, буҷаи маҳаллӣ ғанӣ мегардад ва барои таъмиру таҷдиди роҳҳои автомобилгард, азнавсозии шабакаҳои обрасонӣ, кабудизоркунии кӯчаву хиёбонҳо, бунёди муассисаҳои таълимию тандурустӣ ва фарҳангӣ имконоти бештар фароҳам меояд.

**Довари БОВАР**

**Бақияи қарзи андоз имрӯз мақомоти андози мамлакатро ба ташвиш овардааст. Дар ноҳияи Фархор низ ин масъала мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва нозироти андозро нигарон кардааст. Тибқи маълумоти дастрасшуда, дар ноҳия бақияпулиҳои қарзи андоз, асосан, аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад.**

# Ҳолати ташвишовар

Тавре аз Нозироти андози ноҳияи Фархор иттилоъ доданд, феълан дар ҳудуди ноҳия 3704 адад хоҷагии деҳқонӣ ва кооперативи тиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, мутаассифона, баъзе аз ин хоҷагиҳо дар назди буҷет маблағи калони қарзи андоз доранд. Ба гунаи мисол, метавон Кооперативи тиҷоратии «Азиз», ки роҳбариашро Искандар Раҷабов ба зимма дорад, номбар кард. Бақияи қарзи андозаш 44 ҳазору 672 сомониро ташкил медиҳад. Кооперативи тиҷоратии «Баҳодури - И», низ аз ҳамин қабил аст. Бақияпулиҳои қарзи ин қарздорон буда, дар назди буҷет 38 ҳазору 364 сомонӣ қарзи андоз дорад. Қарздори дигари ноҳия ин Кооперативи тиҷоратии «Мирозор», ки роҳбараш Амиршо Ахмедов мебошад, дар назди буҷет 102 ҳазору 360 сомонӣ қарздор аст.

Кооперативи тиҷоратии ба номи «Сабз» низ аз ҳамин қабил қарздорон аст. Бақияи қарзи он ба 25 ҳазору 541 сомонӣ расидааст. Хоҷагии истеҳсолии ба номи «Алишер» ҳам дар назди буҷети давлатӣ 24 ҳазору 552 сомонӣ қарзи андоз дорад. Дар баробари қарздорони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои



кооператив ба 23 ҳазору 219 сомонӣ мерасад. Чун сухан дар бобати бақияпулиҳои зиёди қарзи андоз рафт, метавон хоҷагии деҳқонии ба номи «Саид»-ро, ки роҳбараш Саймеҳриддин Мирзоев мебошад, мисол овард. Хоҷагии мазкур дар назди буҷети давлатӣ 31003 сомонӣ қарзи андоз дорад. Тибқи маълумот, сабаби ба чунин ҳол афтодани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз бемасъулиятии худи роҳбарони хоҷагидор аст. Сари вақт пардохт накардани маблағи андоз боиси афзоиш ёфтани бақияпулиҳои қарзи андоз мегардад.

Бақияпулиҳои қарзи андоз дар Кооперативи истеҳсолии «Шаҳбози - А» низ вуҷуд дорад. Роҳбарии онро Маҳмадшариф Абдуллоев ба уҳда дорад. Бақияи қарзи кооперативи мазкур дар назди буҷет ба 31 ҳазору 134 сомонӣ мерасад. Кооперативи тиҷоратии «Сиёҳсу - 05» низ аз ҳамин қабил тиҷоратию истеҳсолӣ, соҳибкорони инфиродие, ки ба фурӯши молу маҳсулот машғуланд, дар назди буҷет маблағи калони қарзи андоз доранд. Масалан, соҳибкори инфиродӣ Қадамшо Ғафоров ба маблағи 10 ҳазору 518 сомонӣ дар назди буҷети мамлакат қарздор аст. Ба ҳамин монанд, метавон шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқониро номбар кард, ки дар назди буҷети давлатӣ маблағи калони қарзи андоз доранд.

Вобаста ба ҳолати мавҷуда, кормандони мақомоти андози ноҳияи Фархорро зарур аст, ки дар якҷояги бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар мақомоти давлатӣ ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз бо андозсупорандагони ноҳия семинар - машварат ва корҳои фаҳмонададиҳиро бештар ба роҳ монанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Задержан директор крупнейшего в России троллейбусного завода

Как сообщает ТАСС со ссылкой на следственное управлении СК, топ-менеджер подозревается в даче взятки в 2015 году сотруднику Федеральной налоговой службы. Взятка в сумме 2 миллиона рублей была передана якобы за сокрытие данных проверки, которая выявила неуплату предприятием в бюджет 90 миллионов рублей налогов. Уголовные дела возбуждены как в отношении директора завода и одного из его подчиненных, так и в отношении бывшего сотрудника налоговой службы, получившего, как считают правоохранители, взятку.

Завод «Тролза» в Энгельсе является одним из крупнейших в нашей стране предприятий по производству троллейбусов и электробусов. Электротранспорт, сделанный на предприятии, работает в 86 российских и зарубежных городах.

**https://rg.ru/2019/03/14/reg-pfo/v-saratovskoj-oblasti-zaderzhan-direktor-trollejbusnogo-zavoda.html**

Далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст. Зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз мекунад ва бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ба замин дона кишт мекунад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# НАВРӮЗ АЗ ҚАЪРИ АСРҲО



**Наврӯз аз ҷашнҳои пурифтихори қавмҳои эронинажод аст, ки появу бунаш ба қаъри асрҳо рафта расидааст. Наврӯз таҷдиди хотираи бузургист. Он айёмест, ки заминрову замонро ҳусни тоза мебахшад ва нерӯи зебоиофариаш дар табиати сабзпӯшу гулпӯш таҷассум меёбад.**

Дар «Шоҳнома» ривоят шудааст, ки Ҷамшед дар ҳоли гузаштан аз Озарбойҷон дастур дод, то дар он ҷо барои ӯ тахте бигузоранд ва худаш бо тоҷи заррин ба рӯи тахт биншаст. Бо расидани нури хуршед аз тоҷи заррини ӯ ҷаҳон нуронӣ шуд ва мардум шодмонӣ кард ва ин рӯзро Наврӯз номиданд.

Бархе аз ривоёти таърихӣ оғози Наврӯзро ба Бобул нисбат медиҳанд. Тибқи ривоятҳо ривоҷи Наврӯз дар сарзамини Форс ба соли 538 пеш аз милод, яъне замони ҳамлаи Куруши Кабир ба Бобул рост меояд, ки маҳз ӯ Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон кард. Вай дар ин рӯз барномаҳоеро барои сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагонӣ ва хонаҳои шахсӣ ва афви маҳкумон иҷро менамуд. Ин оинҳо дар замони подшоҳони дигари Ҳахоманишихо низ баргузор шудаанд. Замони Дорои 1 маросими Наврӯз дар тахти Ҷамшед доир мегардид. Вале тибқи баъзе ривоятҳо Зардушт ба унвони бунёдгузори Наврӯз номбар шудааст.

Дар замони Ашкониёну Сосониён низ Наврӯз ҷашн гирифта мешуд. Баргузории ин ҷашн дар замони Сосониён шаш рӯз тӯл мекашид ва ба ду давра тақсим мешуд: Наврӯзи кӯчак (Наврӯзи омма) ва Наврӯзи бузург (Наврӯзи хоса). Наврӯзи кӯчак панҷ рӯз буд ва аз якум то панҷуми моҳи фарвардин гиромидошт мешуд. Дар ҳар яке аз рӯзҳои Наврӯзи омма аз табақоти мардум (деҳқонон, рӯҳониён, пешоварон, сипоҳон ва ашроф) ба дидори шоҳ меомаданд ва шоҳ ба суханҳои онҳо гӯш медод ва барои ҳалли мушкилоташон дастур содир мекард. Дар рӯзи шашум, яъне дар Наврӯзи хоса, ки шоҳ ҳаққи табақоти гуногуни мардумро адо карда буд, танҳо наздикону хешовандони шоҳ ба ҳузури ӯ меомаданд.

Аввалин шоҳе, ки дар Наврӯз омма ва хосаро бо ҳам омехта, рӯзи мобайни онро рӯзи ҷашн эълон кард, шоҳи Сосонӣ-Ҳурмузд (писари Шопур) будааст. Замони давлатдории хулафои Уммавӣ (661-750) бо мақсади дар миёни халқ пайдо кардани обрӯ ва афзудани даромади хилофат ба гузаронидани иди Наврӯз иҷозат доданд. Дар замони Аббосиён низ бо мақсади пазириши ҳадоёи мардумӣ Наврӯзро истиқбол мекарданд. Дар давраи Сомониён ва Оли Бувайҳ ҷашни Наврӯз бо густурдагии бештаре баргузор шуд. Дар замони Салҷуқиён бо дастури Ҷамолиддин Маликшоҳи Салчуқӣ теъдоде аз ситорашиносон бо сарварии Умари Хайём барои ислоҳоти тақвим гирди ҳам омаданд. Ин гурӯҳ Наврӯзро дар рӯзи якуми баҳор қарор доданд ва ҷойгоҳи онро собит намуданд.

**Мақсуди НЕЪМАТ**

# Мақоми Наврӯз

**Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 19-уми феврали соли 2010 қатъномаеро қабул кард, ки тибқи он ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуд. Иди Наврӯз соли 2009 аз ҷониби Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид расман ба феҳристи ЮНЕСКО оид ба мероси башарияти фарҳанги ҷаҳонӣ дохил гардид. Иди Наврӯз баъд аз қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад.**

Бояд гуфт, ки ин ҷашн таърихи зиёда аз сеҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Наврӯзро дар баъзе минтақаҳои кишварамон «Иди сари сол» низ меноманд. Тақрибан зиёда аз 3 ҳазор сол қабл Наврӯз марбути кори деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ёфтааст. Таърихи ташаккули Наврӯз бо эҳё гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз зимистон фаро мерасад, вобаста аст.

Ҳикояту ривоятҳо дар бораи иди Наврӯз хеле бисёранд. Абурайҳони Берунӣ дар китоби «Ал-тафҳим» овардааст, ки «чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, оинҳо аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тоза буд, ид гирифт». Ҳамчунин дар ҷои дигари ин китоб чунин овардааст, ки «Аз расмҳои подшоҳон Наврӯз нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст». Аз осори Абурайҳон Берунӣ чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки ин донишманд ба таври густурда дар бораи ҷашн гирифтани Наврӯз сухан мегӯяд ва дар тадқиқоти хеш барои шинохти рамзу рози оинҳо ва маросимҳои гуногун на танҳо ганҷинаҳои куҳанро мекобад ва дарҳои онҳоро ба рӯи хонандагони асари гаронбаҳояш мекушояд, балки аз амалинамоӣ аз суннатҳои дерина дар рӯзгори худ низ хабар медиҳад ва ошкоро мегӯяд, ки мардумони давронаш бо покизагардонию навсозии ҳамаи афзорҳо ва дастмояҳои зиндагӣ ва оростану пиростани хонаву кошона аз Наврӯз истиқбол менамуданд.

## Маросими Наврӯзӣ дар Тоҷикистон



Наврӯз маросимҳои зиёде дорад, ки ба ҷо овардани онҳо дар таҷлили ҷашн ҳатмӣ шуморида мешавад. Пеш аз ҳама, то оғози Наврӯз дар лаълиҳо гандум гузошта мешавад, ки то фаро расидани ид неш зада, мисли сабза медамад ва баъди ба қадри панҷ-шаш ангушт қад кашидани он ба дастархон гузошта мешавад. Инчунин, аз ҳамин гандуми нешзада суманак тайёр карда мешавад. Ба ғайр аз ин дар маросими ҷашнӣ оро додани дастархони “Ҳафтсин” низ маъмулу ҳатмӣ мебошад, ки аз ҳафт адад анвое, ки бо ҳарфи син (с) оғоз меёбад, иборат аст: суманак, сипанд, санҷид, сир, себ, себарга, сирко.

Бояд ёдовар шуд, ки суманак як ҷузъи асосӣ ва ҳатмии дастархони наврӯзӣ мебошад. ки бидуни он густурдани суфраи идона ғайри қобили қабул шуморида мешавад. Тайёр кардану анҷом додан ва пухтани суманак худ як раванди муайянеро дорад. Қабл аз ҳама, донаҳои гандум ба зарфи ҳамвори фулузӣ гузошта шуда, ба рӯи он об мепошанд ва болои он бо матои сафед (дока) пӯшонида мешавад ва ин се рӯз идома меёбад. Баъд ниҳолҳои сабзидаро бо корд хеле хурд реза мекунанд. Сипас оби онро полуда, бо орд ва об омезиш дода, ба қадри даркорӣ равған илова менамоянд ва ба дег андохта, бо кафлес бонавбат ковиш медиҳанд. Ин анъана аз ҷониби занҳо анҷом дода мешавад ва дар арафаи иди Наврӯз сурат мегирад.

Ба ақидаи дигар, дар баробари дастархони “Ҳафтсин” омода намудани дастархони “Ҳафтшин” низ роиҷ аст, ки дар он ҳафт маводе, ки аз ҳарфи шин (ш) шурӯъ мешаванд, гузошта мешаванд: шакар, шона, шамъ, ширинӣ, шароб, шамшод, шир.

Ҳамин тариқ, баъзан вақт то субҳи содиқ маросими суманакпазӣ идома меёбад ва ин одати ориёӣ асрҳо идома ёфта, то замони мо расидааст. Маросими дигаре, ки дар иди Наврӯз ба ҷо оварда мешавад, “хонатаконӣ” ном дорад ва яке аз ҷузъҳои муҳиму ҳатмии ин ҷашни фархунда арзёбӣ мегардад. Ин одат чунин аст, ки дар арафаи ид тамоми ҷиҳози хона шуставу пок карда карда шуда, ашёи куҳнаю фарсуда аз хона берун, дару девори хонаҳо тармиму рангубор карда мешавад, ба қадри имкон асбоби рӯзгор бо намунаҳои нав иваз карда мешаванд, дар хона гулу хушбӯиҳо гузошта мешаванд, пардаи тирезаҳо ва тамоми ашё батартиб дароварда мешаванд. Ҳар кас ба андозаи имконоти худ меваю сабзавот, қанду қурсу ширинӣ, мағзу мавиз, шарбату хуришҳои гуногун харидорӣ менамояд ва дар ҳар хонадон дастархони идона ороста мешавад.

Аз омадани Наврӯз, қабл аз ҳама, кӯдакон бо баргузории маросими гулгардонӣ ба дигарон пайғом мерасонанд. Ин маросим як ҳафта қабл аз Наврӯз, аз сӯи кӯдакон, ки дар даст гулӯи сияҳгӯш, бойчечак ё наврӯзӣ доранд, иҷро мешавад. Ин кӯдакон ба ҳар манзил наздик шуда, сурудхонон фарорасии фасли баҳорро ба соҳибони хонадон шодбош мегуянд. Соҳибхонаҳо гулро ба чашму абрӯвон молида, ба гулгардонҳо ба қадри ҳиммат чизе ҳадя мекунанд. Гулгардонӣ дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон бо номи бойчечак машҳур аст.

**Н. ЗОИРЗОДА**

# Солномаҳои ниёгон

**Ҳар ҷомеа эҳтиёҷ ба солномае дорад, ки ҳар кас метавонад тибқи он вақти муносиберо барои анҷоми кори худ интихоб кунад. Солномаи ниёгони мо таърихи тӯлонӣ дорад. Ташхиси содаи солномаро ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоӣ мебинем: он аз рӯи гадиши Моҳ ва Офтоб, мавқеи ситораҳо дар бурҷҳои осмон қайд мешуд. Солномаи қадимтарине, ки дастрас шудааст, солномаи хурди авестоист, ки дар вақти салтанати Ҳахоманишиҳо тартиб дода шуда буд ва он ба солномаи Мисри қадим шабоҳат дорад.**

Номи моҳҳои имрӯзаи Эрон - фарвардин, урдубиҳишт ва ғайра аз номи қаҳрамонҳои «Авесто» гирифта шудааст. Дар Арабистон солномаи дигаре мавҷуд буд, ки ба солномаи зардуштӣ шабоҳат дошт. Тафовут дар он буд, ки номи моҳҳо аз рӯи нишонаи бурҷҳо, яъне мавқеи Офтоб дар бурҷҳои гуногуни осмон гирифта шуда буданд. Барои осонии таҳлил номи ин моҳҳо ва муодили онҳоро аз солномаи имрӯза (григорианӣ) меорем. *(ниг. ба ҷадвал)*

Ин солномаҳо, аслан, шамсӣ буда, аз рӯи гардиши Офтоб муайян мешуданд. Вақти киштукор, ҷамъоварии ҳосил, ниҳолшинонӣ, мусофират ба шаҳрҳои дигар ва таҷлили идҳо аз рӯи ҳамин солномаҳо муайян мегаштанд. Аввали сол бо амри шоҳ Ҷамшед, ки марди оқил ва тараққипарваре буд, рӯзи аввали фарвардин (21 март) интихоб шуд ва номи Наврӯзро гирифт. Вақте Каюмарс ба тахти шоҳӣ расид, амр кард, ки Наврӯз иди муқаддас шинохта шавад ва солшуморӣ аз он рӯз оғоз гардид.

| | Эронӣ | Арабӣ | Григорианӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Фарвардин | Ҳамал | Март - апрел |
| 2 | Урдубиҳишт | Савр | Апрел - май |
| 3 | Хурдод | Ҷавзо | Май - июн |
| 4 | Тир | Саратон | Июн - июл |
| 5 | Мурдод | Асад | Июл - август |
| 6 | Шаҳривар | Сунбула | Август - сентябр |
| 7 | Меҳр | Мизон | Сентябр - октябр |
| 8 | Обон | Ақраб | Октябр - ноябр |
| 9 | Озар | Қавс | Ноябр - декабр |
| 10 | Дай | Ҷаддӣ | Декабр - январ |
| 11 | Баҳман | Далв | Январ - феврал |
| 12 | Исфандармӯз | Ҳут | Феврал - март |

Солномаи шамсӣ як нуқс дошт - фосилааш зиёд буд. Рӯзҳои лозимиро дар байни 365 шабонарӯзи сол пайдо кардан муҳол буд. Бино бар ин дар қатори он «солномаи қамарӣ», ки ба гардиши Моҳ вобаста буд, бунёд шуд. Баъдтар, вақте ки дини Ислом зуҳур кард, ин солнома боз як бартарӣ пайдо намуд. Тӯли соли қамарӣ 355 шабонарӯз буд, яъне ҳар сол, назар ба соли шамсӣ, 10 рӯз пештар меомад. Ин боис шуд, ки идҳои исломӣ ба рӯзҳои муайян пойбанд нашуда «давр» зананд.

Даври гардиши Моҳтоб дар атрофи Замин 29,53 шабонарӯз ва Замин дар атрофи Офтоб 365,24 шабонарӯз аст. Дар давоми як сол Моҳ 12,368 маротиба давр мезанад, ки аз 12 моҳ бештар аст. Бақия 0,368 ҳар сол зам шуда, оқибат ба солу моҳ мерасад. Ин сабаб мешавад, ки моҳҳо 30-рӯзии комил нестанд ва ҳар чаҳор сол тасҳеҳ меёбанд. Соли қамарӣ аз рӯзи ҳиҷрати пайғамбар Муҳаммад (с) аз шаҳри Макка ба Мадина, ки ба соли 622 мелодӣ рост меояд, ибтидо мегирад. Моҳҳои исломӣ инҳоянд: Муҳаррам, Сафар, Робеъулаввал, Робеъулсонӣ, Ҷамодиалаввал, Ҷамодиалсонӣ, Раҷаб, Шаъбон, Рамазон, Шавол, Зулқаъда, Зулҳиҷҷат.

Барои дарёфти соли ҳиҷрӣ аз рӯи соли мелодӣ бояд тафозули байни солҳои шамсӣ ва қамариро ба 1,031, ки нисбати тӯли сол бар дувоздаҳ моҳ мебошад, зарб кард.

# *Наврӯз дар водии Ҳисор*

**Инак, ба мулки зарнисори Ҳисор боз Баҳор омад, баҳори шодӣ, баҳори орзу, баҳори баракат. Баҳор ҳамасола бо худ меҳмони азизу гиромиеро ба сарзамини мо меорад, ки Наврӯз ном дорад. Наврӯзе, ки хуҷаста асту ба дилҳо фараҳ ва ба кулбаҳо гармию рӯшноӣ меорад.**



Таърихи пайдоиши иди Наврӯзро мардуми водии Ҳисор ҳар гуна арзёбӣ мекунанд, аммо ба аксарият маълум аст, ки Наврӯз иди анъанавӣ ва бостонии халқҳои эронинажод мебошад, ки ба рӯзи аввали солшумории шамсӣ - якуми моҳи фарвардин, мутобиқ ба 21 марти солшумории мелодӣ рост меояд. Он ба пайдоиши шароити киштукори мардум наздикӣ дорад ва аз ин рӯ, онро Иди соли нав ё Иди сари сол ҳам мегӯянд.

Ҷашн гирифтани ин иди фархунда вақту соати муайян дорад. Танҳо шурӯи он ба 21-уми март рост меояд ва дар ҳар кишвару ҳар минтақа онро ба таври гуногун ҷашн мегиранд. Масалан, мувофиқи сарчашмаҳо мардуми водии Ҳисор солҳои қадим Наврӯзро шаш рӯз ҷашн мегирифтаанд. Дар ҳамин шаш рӯз ҷашнгирӣ бо шукуҳу шаҳомати беандоза, шодиву сурур ба авҷи аъло мерасид.

Наврӯз хусусиятҳои ба худ хос дорад. Беҳтарини он тозагию озодагист. Сокинони Ҳисор дар арафаи Наврӯз, ба хотири истиқболи гарми он, хонаҳоро тозаю поккорӣ менамоянд. Ҷиҳози зиндагиро ба тартиб даровარда, таомҳои лазизтарин мепазанд. Бахусус, суманакро ба дараҷаи олӣ тайёр карда, пешкаши меҳмонҳо менамоянд. Рӯи дастархонро бо ҳафт мӯъҷиза- «ҳафтсин» оро медиҳанд. Кӯчаю хиёбонҳо, роҳу ҷӯйҳо ва қабристонҳоро тоза мекунанд.

Мардуми водӣ хуб медонанд, ки ризқу рӯзиашон аз заҳмат аст, аз ин хотир, бештар бо замини зархезу ризқофар сари кор мегиранд. Воқеан, ифтихору сарбаландиҳоямон дар бисёр ҳолату дар ҳама ҷо аз натиҷаи заҳматҳои кашидаи деҳқонҳо вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, мавсими деҳқонӣ, ки ба Наврӯз рост омадааст, омаданашро фархунда медонем.

**Наврӯз муборак, ҳамдиёрони арҷманд!**

**Мақсуди НЕЪМАТ**

**Наврӯз аз муборактарин ҷашнҳои миллии мо – тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз аст, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башардӯстона - дӯстиву ҳамкорӣ, созандагиву ободкорӣ, инсондӯстиву хайрхоҳӣ ва шукргузорӣ аз зебоиву неъматҳои табиат мардумро гирди ҳам меорад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Баҳор муждае барои деҳқон аст



**Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимаи ориёинажод буда, дар моҳи аввали фасли баҳор - Фарвардин баргузор мегардад. Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷонибдории кишварҳои ҳавзаи Наврӯз ҷашни Наврӯз ба як ҷашни байналмилалӣ табдил ёфт.**

- Аслан, калимаи «Наврӯз» маънои «Рӯзи нав»-ро дорад, - мегуяд корманди Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Саид Алии Ҳамадонии шаҳри Кӯлоб Раҷаб Асозода. - Ба ҳамагон маълум аст, ки дар Наврӯз шабу рӯз баробар мешавад. Ҷашни Наврӯзро қариб ҳамаи шоирону нависандагон васф кардаанд. Умари Хайём дар асари худ «Наврӯзнома» аз сесаду шасту панҷ шабонарӯз иборат будани ду даври офтобро нишон додааст. Ду даври офтоб, ки ба охир расид, сол поён рафта, аввалин дақиқаҳои моҳи ҳамал фасли баҳор оғоз мегардад. Табиат аз сари нав зинда мешавад, барои марди деҳқон шодию сурур меорад. Шоир ҳамчунин пайдоиши Наврӯзро аз нуқтаи назари илми нуҷум ва табиатшиносӣ шарҳу тавзеҳ додааст.

Муждаи баҳору Наврӯзро ба мардум, пеш аз ҳама, гулгардонҳо – кӯдакон мерасонанд. Гулгардонӣ низ яке аз анъанаҳои қадимаи мардуми тоҷик аст. Дар саҳро гуле бо номи «Ятимак» маълуму машҳур буд. Ин гул пеш аз гулҳои сияҳгушу зардак рӯида аз омад –омади фасли баҳор ва зиндашавии табиат дарак медиҳад. Бачагон ин гулро даста - даста чида ба ҳар дари хонадони мардум гулгардонӣ мекарданд.

Анъанаи дигари мардуми тоҷик, ки дар ҷашни Наврӯз иҷрои карда мешавад, ин барпо кардани мусобиқаву бозиҳои гуногун аз қабили гуштингирӣ, тухмҷанг, хурусҷанг, кабкчанг, чиликандозӣ ва монанди инҳо буданд. Инчунин, дар Наврӯз хӯрокҳои анъанавии наврӯзӣ пухта мешуд. Яке аз ин хӯрокҳои хоси наврӯзӣ суманак мебошад. Занҳои тоҷик ҳангоми пухтани суманак суруди зеринро месароиданд:

*Суманк дар ҷуш мо*
*кафча занем,*
*Дигарон дар хоб, мо*
*дафча занем.*
*Суманак бӯи баҳор аст,*
*Суманак авҷу барор аст.*
*Мелаи шабзиндадор аст,*
*Иди Наврузӣ муборак!*

Расми дигари ҷашни Наврузӣ ин оростани дастархони идона бо 7-сину 7-шин аст. Ҳафт син ҳафт номгӯи анвоест, ки аввали ҳарфаш бо ҳарфи – С сар мешавад.

Инчунин дар фасли баҳору Наврӯз миёни мардум се ҳисоб аст. Якум деҳқонӣ, дуюм чорводорӣ сеюм боғдорӣ.

Ба маънои томаш фасли баҳор айёми кишту кори деҳқон аст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# «ҲАФТСИН»

**Наврӯз аз суннатҳои пурифтихор ва бузургдошти миллати тоҷик буда, ба мардум фараҳмандӣ меорад. Яке аз хусусиятҳои хос ва хеле ҷолиби Наврӯз он аст, ки дар ин рӯз мардум бо якдигар мулоқотҳо мероянд, ба хонаҳояшон меҳмонҳоро даъват карда, рӯи дастархони идона тамоми неъматҳои худододро мегузоранд. Расму оин буд ва ҳаст, ки рӯи дастархонро ҳафт муъҷиза, яъне бо ҳафт намуди хӯриш, ки номашон бо ҳарфи «син» оғоз мешавад, оро медиҳанд:**



### СУМАНАК

Яке аз ғизоҳое, ки дар иди Наврӯз пешкаши меҳмон мегардид, суманак буд. Ин неъмат то имрӯз азизтарину лазизтарин ғизои иди Наврӯз ба ҳисоб меравад. Ин навъи хӯриш дар хонаҳо ва бештар идгоҳҳо тайёр карда мешавад ва ба ҳамсояҳо тақсим мегардад. Суманак, пеш аз ҳама, рамзи муҳаббату дӯстии мардум ва пояндагию бақодории ҳаёт аст.

### СИПАНД

Сипанд (испанд, ҳазориспанд) яке аз ҳафт намуди «ҳафтсин» аст, ки дастархонаи наврӯзиро оро медиҳад. Ин растанӣ дар Шарқ, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ мерӯяд ва хеле машҳур аст. Сипандро аз бехаш ҷудо намуда, хушк мекунанд, хусусияти давобахшии он то чор сол боқӣ мемонад. Сипандро ба ҷуз дуд кардан, истеъмол ҳам мекунанд, яъне онро ҷӯшонида, обашро барои нест кардани рутубатҳо ва боди рӯдаҳо менӯшанд.

### САНҶИД

Санҷид ҳам мӯъҷизаи дастархони наврӯзӣ аст. Онро ҷигда ҳам мегӯянд ва аз ҷинси челон мебошад. Дар баъзе деҳаҳои кишварамон шоху барги онро ҳам, ки бӯи хуш дорад, барои оройиши дастархон истифода мекунанд. Истеъмоли санҷид барои таскини дардҳо, бақувват шудану фарбеҳии гурда фоида дорад.

### СИРПИЁЗ

Сир пиёзест, ки онро сиримсоқ низ меноманд. Ба забони русӣ чеснок ном дорад. Сир се навъ мешавад: бӯстонӣ, саҳрой ва кӯҳӣ. Аз ҳама навъи беҳтаринаш бӯстонии бисёрдандона мебошад. Шахс агар сирпиёзро, вобаста ба мизоҷ ва фаслҳои сол, миқдори муайяншро риоя карда бихӯрад, саломатиашро тамоми сол хуб нигоҳ медорад.

### СЕБ

Дар иди Наврӯз рӯи дастархонро ҳафт мӯъҷиза оро медиҳанд, ки ҳар яки он хусусияти хоси худро дорад. Миёни ҳафт муъҷиза меваи хушбӯю хуштаъм – себ низ ҷой гирифтааст. Тоҷикон дар борои себ, пайдоиши он ривоятҳои зиёд доранд. Мардум себро бо умеду нияти нек рӯи дастархон мегузоранд, то ки сол пурфайз шавад.

### СЕБАРГА (Ё САБЗА)

Себаргаро одатан дар баъзе мавзеъҳои мамлакатамон, ҳамчун рамзи саршавии фасли баҳор, дар оройиши дастархони идонаи наврӯзӣ истифода менамоянд. Себарга, аз як ҷиҳат, хусусияти шифобахшӣ низ дорад. Он ба дарди чашм, пучак, зардпарвин ва вараму дарди рӯдаҳо даво шуда метавонад.

### СИРКО

Рӯи дастархони наврӯзӣ дар қатори «ҳафт муъҷиза» сиркоро низ мегузоранд. Сирко (ба забони руси уксус) як нав моеъ-обакие мебошад, ки дар тибби халқӣ онро ба бисёр дардҳо давобахш медонанд. Кадбонуҳо ҳам дар вақти омода кардани хӯришҳо аз сирко истифода мекунанд. Сиркоро одатан аз ангур, хурмо, анҷир, шакар, оби найшакар, асал аз ҳар меваи обдору ширин, инчунин аз биринҷу гандум тайёр мекунанд.



# Наврӯз дар Хуҷанд

**Наврӯзро хуҷандиён аз давраҳои хеле қадим ҷашн мегиранд. Дар бораи ҷашнгирии Наврӯз дар шаҳри бостонии Хуҷанд Муҳиддинҷон Файзуллоев - таърихшинос ва мардумшинос, номзади илмҳои таърих, устоди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров чунин мегӯяд:**

- Наврӯз дар соҳили чапи рӯди Сирдарё, дар маҳалле бо номи Сайлгоҳ ва дар маҳалли Истак таҷлил мешуд. Аҳолии Хуҷанд Наврӯз ва баҳорро бесаброна интизор мешуданд.

Ҷашни Наврӯз то 20-уми март - то вақти фаросии шаши саур (Шашаи Наврӯз, яъне рӯзи шашум) давом мекард. Истиқболи барвақти иди Наврӯз дар Хуҷанд бо сабабҳои объективонаи иқлимии маҳал вобаста аст. Маълум аст, ки шаҳри Хуҷанд ва маҳаллаҳои атрофи он: Шайхбурҳон, Пули чуқур, Рӯмон, Кулангир, Унҷӣ, Седаста, Рухак, Ғозиён, Ёва, Сомғор, Галамайдон, Деҳмой, Дашти Амин, Хистеварз, Испонӣ, Исписор, Андарон, Нов (Спитамен) ва ғайра дар ҳавзаи водиҳо соҳилҳои Сирдарё воқеанд ва дар интиҳои фаслҳои зимистон ва аввали баҳори тақвимӣ бо борони найсон заминҳо ва теппаҳои он, доманакӯҳи Мевағул сабзпӯш мегардиданд. Дарахтони бодом, зардолу гул мекарданд. Кӯдакон бо бойчечак, ки рамзи фаросии баҳор аст, бо сурудҳои «Бойчечак» дар кӯчаҳо, маҳалҳо хона ба хона гашта, таронахонӣ мекарданд.

Наврӯз дар Ҳуҷанд на танҳо лаҳза ва маросими хурсандона вақтгузаронист, балки иҷрои расму ойинҳо, тановул, тайёр кардани таомҳои болаззати идона, инчунин давраи иҷрои силсилаи урфу одат ва ойинҳои халқӣ, ки ба истиқболи баҳор, дарки фалсафии алоқаи одам бо кайҳон ва табиат, таъзим овардан ба рӯҳонияти гузаштагон ба ҳисоб меравад. Сардори уезди Хуҷанд дар солҳои 1907-1914 Н. С. Ликошин ёдовар мешавад, ки ду ҳафта пеш ва дар рафти ҷашни Наврӯз аҳолӣ дар ғизои худ бисёр моҳиро истеъмол мекунанд. Он дар соҳили дарёи Сир дар Сайлгоҳ рӯзи якуми ҷашни Наврӯз гузаронида мешуд. Истеъмоли моҳӣ рӯҳи шахсро аз гуноҳҳо тоза менамояд. Ин асотир ва хосияти табобатии моҳӣ ба аҳолии Хуҷанд аз қадим маълум аст.

Занону духтарон ва кӯдакон низ иди Наврӯзро дар Сайлгоҳ на чандон дур аз мардон, хусусан, дар байни бедзорҳо мегузарониданд, ки ин маҳалро Истак меномиданд. Истак ин намуди бед аст.

Дар рӯзҳои иди Наврӯз хуҷандиён аз шохчаҳои навшукуфтаи бед ба мисли чанбарак шилшилаҳо бофта, бо фолҳои нек ба дарё мепартофтанд ва ҷавондухтарону писарон бо ин амалашон некбахтӣ металабиданд.

Бо сабаби он ки Хуҷанд ва ноҳияҳои атрофи он бо ҳам чун маҷмӯи тарзҳои хоҷагӣ-фарҳангии кишоварзию ҳунармандӣ зич алоқаманд буданд, дар ин маҳалҳо заминҳои кишт ва деҳқонии худро доштанд. Аз охири моҳи феврал деҳқонони Хуҷанд ойини «ҷуфтбаророн»-ро мегузарониданд. Расми аввали шудгори заминро ба пири кор-деҳқони пуртаҷриба бо нияти «Бобои деҳқон» мадад кунад, корҳои саҳрой шудгор ва киштро сар мекарданд.

Хуҷанд ба яке аз музофотҳои ҳавзаи фарҳангии фарғонӣ-иронӣ-суғдӣ ҷойгир буда, ба худ ҳам мабдаи маҳаллӣ ва ҳам фарҳангӣ-умумии ба олами шарқи ирониён хосро дар ҳориқаи фарҳангӣ таҷассум намудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# ОЁ МЕДОНЕД?

Дар сарзамини Руси қадим 1-уми март сари сол оғоз меёфт. Баъдтар он ба якуми сентябр гузаронда шуд.

318 сол қабл аз ин бо фармони шоҳи рус Пётри 1 оғози сол ба 1-уми январ гузаронида шуд ва якуми январи соли 1700 мардуми рус Соли навро бори аввал ҷашн гирифтанд.

ххх

Дар Англия соли 1952 иди соли нав аз 25 март ба якуми январ гузаронида шуд.

ххх

Руминиҳо рӯзи 17-уми моҳи март ҷашни ниҳоят мутантану фархундаеро истиқбол мегиранд, ки номи он «Маҳшари бусаҳо» аст.

ххх

Молдованҳо рӯзи якуми март бо номи «Меримшор» иде доранд, ки маънояш «Дӯстӣ» аст.

ххх

Дар Тотористон мардум фаросии баҳорро бо номи «Сабантуй» истиқбол мегиранд.

ххх

Мардуми Шарқ омадани баҳорро вобаста ба маҳалли ҷуғрофии худ дар моҳҳои феврал, март ё аввали апрел бо номҳои гуногун ҷашн мегиранд.

ххх

Наврӯзро дар Эрон, Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Покистон, Ироқ ва Кавказ рӯзи якуми моҳи фарвардин, мутобиқ ба 20-22 марти солшумории мелодӣ ҷашн мегиранд.

# Нахустин ҷашни расмии Наврӯз дар Душанбе

**Ҷашни Наврӯз, ки аз қадимтарин мероси фарҳангии мардумони ориёинажод ба ҳисоб меравад, соли 2010 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалиро соҳиб гардид, ки дар ин кор Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор дар қатори дигар давлатҳо номбар шудааст. Дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, ки ҷашни Наврӯз ҳамасола бо як шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мешавад, дар гузаштаи начандон дур баргузор намудани ҷашни Наврӯз монеаҳои вуҷуд дошт.**

Ҳоло аз аввалин ҷашни расмии Наврӯз дар Душанбе ёдовар мешавем ва ин ҳам ба хотири гиромидошти як зумра аз ҷавонони хештаншиносу миллатдӯсти ҳамонвақта, ки ҳар кадомашон дар давоми минбаъдаи ҳаёти худ чун шахсиятҳои барҷастаи илму адабиёту фарҳанг ба воя расидаанд.

Дар рисолаи «Бисот» (Душанбе- «Адиб»,1996), ки ба муносибати 70-солагии ходими намоёни давлатию ҷамъиятӣ Холмурод Шарифов ба табъ расидааст, адабиётшиноси маъруф Аълохон Афсаҳзод назару андешаҳои худро доир ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти соҳибҷашн дар мақолаи «Дилогоҳ» ба қалам дода, дар мавриди дар сатҳи давлатӣ шинохта шудани ҷашни Наврӯз чунин меорад:

«...Ин ҷашни пуршукӯҳи халқ, ҷашни мардумии деҳқону чорводорон, подшоҳону раъият ва тамоми мардумони форсизабонро дар шаҳру деҳот асло фаромӯш накарда, дар Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд бо тантана ва шукӯҳ мегузарониданд. Фақат гурӯҳи тангназарон – баъзе коркунони ҳизбӣ ва амалдорон ба он чун суннати боқимондаи замони феодалӣ ва динӣ нигариста, ба зидди он беамон мубориза мебурданд. Дар Душанбе чун пойтахти Республикаи Сотсиалистӣ, ки то солҳои шаст қариб ягон сунати ниёгонро эътироф намекарданд. ин ҷашн (Наврӯз-М. Ҷ) гузаронида намешуд. Ба ҳар ҳол солҳои аввали иқомати худ дар Душанбе гузаронидани ҷашни Наврӯзро ман ёд надорам. Вале дар ҷойҳои мо Иди Нарӯз бо тамоми азамат ва ҳашамат барпо мегашт, хусусан идгардонии кӯдакон, маросими чаҳоршанбеи сурӣ, дангона (таому дастурхони умумии духтарон), арғунчакбозӣ ва дигар дилхушиҳои дӯшизагон, ки берун аз деҳа, дар лаби дарёҳои соф ва канори чашмаҳои зулол баргузор мешуд, ба ман хело маъқул буданд. Русумати дигари ин ҷашни ҳамагонӣ маълум аст.

Соли 1958 мо чанд нафар донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки барои таҷлили Иди Наврӯз ҷамъ омада будем, қарор кардем, ки соли оянда ҳатман Наврӯзро расман ҷашн хохем гирифт. Як сол мисли як нафас гузашт. Дар рӯи ҳавлии хобгоҳи донишгоҳ дар кӯчаи Айнӣ, ки акнун корпуси таълимии факултети математика аст, Аминҷон Аҳмадҷонзода онҷоро бо тарзи идона ороста, барои 50-60 нафар ҷой тайёр кард. Ҳамаи муаллимони номӣ - устодони варзида, шоирону адибон, донишҷӯёни



обрӯманд ва созу сурудро даъват кард. Ғулингоб, ҳафтсин, ҳафтмева, мусаллас ва анвоъи хӯрданиҳои салис низ дастурхони идонаро зеб медод. Фақат суманак намерасид. Каси онро мепухтагӣ ёфт нашуд. Майсаи сабзондаи Аминҷон дар байни гулу сабзаҳои наврӯзӣ ҷой гирифт. Аз адибону устодони даъватшуда ба ҷуз Файзулло Ансорӣ каси дигар наомад. Ба ғайр аз камина боз Рӯзӣ Аҳмадов, Бобокалон Эшонқулов, Амон Нуров, Сайфулло Саидов, Иброҳим Шукуров, Даврон Шеров ва боз ду-се нафари дигар дар базми Наврӯзӣ ширкат варзиданд».

А. Афсаҳзод дар идомаи сухани худ аз муҳаррирони газетаҳои «Маориф ва Маданият» ва «Комсомоли Тоҷикистон» Абдураҳмон Аҳмадов ва Бобо Худойдодов барои дастгириашон дар чопи мақолаҳо доир ба таърихи Наврӯз ёдовар шуда минатдорӣ мекунад. Ҳамчунин, А. Афсаҳзод ёдовар мешавад, ки ба тарғибу ташвиқи онҳо нависандагон ва радиову телевизиони тоҷик низ ҳамроҳ мешаванд, вале рӯзномаҳои ҳизбӣ дар сангари муқобил қарор мегиранд.

- Кор то ҷое мерасад, ки соли 1960 барои намоишкорона ҷомаи беқасаб пӯшида ба кӯчаҳои шаҳр баромадан ректори ҳамонвақта С.А. Раҷабов маро аз хобгоҳ донишгоҳ пеш кард, мегӯяд А. Афсаҳзод.

Ниҳоят (пас аз даҳ сол) шуъбаи маданияти КМ ҲК Тоҷикистон ва сардори он Холмурод Шарифов барои баровардани қарори муфид ба ҷонибдории иди Наврӯз саҳм гузоштанд. Қарор карда шуд, ки минбаъд ҷашни Наврӯз бо роҳбарии ташкилотҳои партиявӣ гузаронида шавад. Дар ин бобат хизматҳои М.Осимӣ, У. Раҷаб ва Лоиқ низ хурд нест, менависад А. Афсаҳзод.

Хостем баъди гузашти солҳои тӯлонӣ бо устод Рӯзӣ Аҳмадов доир ба ин мавзӯъ суҳбате дошта бошем.

Устодро дар шуъбаи фолклори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон машғули кор – навиштани мақолае дар мавзӯи «Наврӯз» дарёфтем.

Устод Рӯзӣ Аҳмадов он солҳоро ба хотир оварда, ёдовар шуданд, ки дар баргузор намудани аввалин ҷашни Наврӯзӣ, пеш аз ҳама саҳми Аминҷон Аҳмадҷонзода, ки он вақт вай донишҷӯи курси панҷум буд, назаррас аст. - Баъд мо чанд нафари дигар дар атрофи ӯ ҷамъ омадем. Аз ташрифи Ф. Ансорӣ ба ин ҷашн ёдоварӣ намуда, гуфтанд, ки он вақт бисёриҳоро таклиф намуда будем, лекин танҳо ин кас омаданду халос. Ба саволи он ки он солҳо мавзӯи Наврӯз чӣ гуна дар матбуот нашр мешуд, чунин посух доданд:

- Мо аз соли 1959 сар карда, ба матбуот дар мавзӯи Наврӯз ва таърихи он менавиштем. Дар ин кор моро танҳо шодравон Буринисо Бердиева дастгирӣ мекарданд, - гуфта, барои тасдиқи суханашон як нусха аз газетаи «Маориф ва Мадиния», ки аз 17-уми марти соли 1969 аз чоп баромада буд, нишон доданд. Саҳифахои газета пурра ба мавзӯи Наврӯз бахшида шуда буд. Мақолаҳои Т. Зеҳнӣ, Б. Раҷабзода, А. Мухторов, Н. Пиримқулов ва дигарон чоп шуда буданд. Ҳамчунин, аз бойгонии худ расми он ҷашни аввалини Наврӯзиро бароварданд. Устод дар идомаи суханашон қайд намуданд, ки он солҳо ин гуна маводро барои ба чоп расонидан кори саҳл набуд. Он кас қаҳрамонӣ нишон даданд. Ва як насхаи дигар аз газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» (чопи марти соли 1960) -ро гирифта гуфтанд, ки барои ин мақолаи «Иди Наврӯз» аз мудири шуъба (нахостанд номашро гӯянд) хело гап шунида будам. Танҳо баъди он ки ҳамаи маводро ба русӣ тарҷума карда ба ӯ додем, дигар ба мо кордор нашуд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**



# ФАСЛИ ИШҚУ ЗЕБОӢ

**Садои қадамҳоят диламро сухангӯю нигоҳамро ишқҷӯ кардааст, эй баҳор! Биё, ту охир мисли ман ҳастӣ, ҷавон, ошиқ, сухангӯ... Ман туро барои ҷавонияt, барои зебоият, барои атри гулҳои дар кокулзадаи доманпарвардаат дӯст медорам. Оё меҳоҳӣ ҷамоли ҷонбахши худатро бубинӣ? Ту бузургӣ, дар оинаи дарёву дахр намегунҷӣ. Пеш биё, худатро дар чашмони ман бин. Бин, ки чӣ қадар чашмон ҷамоли туро мебинад, чӣ қадар лабҳо нақҳати гулҳои туро мебӯсад...**

Ин чӣ ранг аст? Зеботар шуда, хироми товусона, нози дилбарона. Ҳадяи илоҳиро дар домони замин ҷавлон медиҳӣ, ҳамаро сабз кардӣ, ҳамаро ҷавон кардӣ, ростӣ, мисли маъшуқаи ман лаби домонат гулдӯзиҳо аз гул, дар печидагии зулфонат печидагии сунбул дорӣ. Боз як бори дигар ханда кун, ки дили пирон ҳам шукуфад. Чӣ зебо! Мавҷи лабҳои ту аз насим ба гунаи бахр нам аст, не нармтар, зеботар. Рухсат бидеҳ, то қиссаи ишқи ҷонфизоятро, таронаи ҷамоли дилрабоятро бозгӯ намоям.

Аз чӣ оғоз кунам? Охир ту сароғози зебоию пайдоиш надорӣ, комил ҳастӣ, аз дарёи чашмонат фаҳмидам, ки зебоӣ. Аммо зеботар аст, вақте рӯи домони сабзрангат тифлони навзодат – гулу сабзаҳо ҷилва мекунанд, ҷавлон мезананд, дар оғӯши бӯсаҳои насим лаби домони дарахтонат парешон мешавад, садо аз карнайи нафасии ту ба камоли маҳинӣ дар зарби табли навдаҳои дарахтонат берун меояд. Ҷилваи раққосаҳои осмонияt, савти мурғакони хушилҳонатро дилработар мекунад.

Баҳор, ҷамоли ту хуфтаҳоро бедорӣ ва мурдаҳоро зиндагӣ мебахшад, мисли ҷамоли маъшуқаи ман. Биё, дар қиёс бо ӯ бубинамат: ишвагарӣ, ишвагар аст, дар дилҳо шӯр меафканӣ, ӯ низ ҳамчунин, вале ӯро дар домани ту, туро дар домани ӯ дидан аз бароям нишотафзотар аст. Шуморо ҷудо кардан нашояд, ду ғунчаед дар шохи дӯстдорию муҳаббати дил. Ҳамчуноне, ки баъди резаборонат дар чаманҳои дилат субҳи дилкашӣ медамад, хуршеди рӯшноӣ тулӯъ мекунад, маҳбубаи ман ҳам назофату нозукӣ пайдо менамояд. Дилам дар ҳалқаи покии ту ошиқтар мешавад. Чун нақши гулҳое, ки модарам дар чакани наврӯзияш, дар тоқии гулдӯзияш дӯхтааст, ту ҳам нақши ишқро дар вуҷудам чунин маҳкам мекунӣ, нахуст ишқи дӯстдории худатро.

Дар ҳақиқат, сухан гуфтан кам асту мушкил. Бо чӣ васфат кунам? Ҳама чизе, ки мебинам ҷузъе аз туст, дар тасвират дастам холист. Медонӣ, аз дилбари ман дида чизе шабеҳат нест. Ӯ ҳам баҳор аст, баҳори дили ман, баҳори ҳамешабаҳори дили ман, ки туро бо ҳама ҷузъиётат дар дили ман акс мекунад. Шояд ӯ зодаи бӯсалабҳои ҷамоли ҷонфизои ту бошад. Ҳеҷ боварам намеояд, ки дар ин дунё бе ишқи баҳор касе чун баҳор зебо бошад. Ин ҳама аз файзи ниҳони туст, эй Наврӯз! Биё Наврӯз. Хуш омадӣ!

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Аҳурамаздо ва шаш амшоспандон

**Наврӯз ҷашни даромадани баҳор, саршавии киштукор мебошад. Тоҷикон дар ин рӯзҳо хонаҳои худро тоза карда, ҷиҳози корношоямро берун мекунанд, инчунин, либоси нав мепӯшанд ва ба ҳамдигар орзуҳои нек таманно мекунанд. Тавре ба ҳамагон маълум аст, Наврӯз яке аз қадимтарини ҷашнҳои ориёӣ буда, асосгузораш шоҳ Ҷамшед мебошад. Тибқи ривоятҳо, дар ин рӯз офтоб ба хатти устувор меояд ва шабу рӯз баробар мешаванд.**

Шумораи «ҳафт» дар фарҳанги мардуми эронитабор муқаддас ва серистеъмол аст. Мафҳуми «ҳафтсин» аз куҷо сарчашма мегирад? Ин таомул дар оғоз тақрибан чунин буда, ки мардум дар ҳафт табақ хӯришу ашёи рамзӣ гирифта, дар суфраи наврузӣ мегузоштаанд. Доир ба пайдоиши он ривоятҳои гуногун мавҷуданд, аммо андешаи ба ҳақиқат наздиктар дар мавриди «ҳафтсин» ин аст, ки адади ҳафт аз ҷамъи Аҳура Маздо ва шаш амшоспандон - эзадон ё фариштаҳои соҳибмақоми худоёни зардуштӣ ба вуҷуд омадааст. Маҳз дар айёми Наврӯз барои ин ҳафт нафар дар ҳафт табақ ғизову ашёи рамзӣ гирифта, дар суфра мегузоштанд. Масалан, дар як табақча тухми мурғ мегузоштанд, ки рамзи офариниш ба шумор мерафт. Дар косае шир мегирифтанд ва он ҳамчун ифодакунандаи покӣ ва бегуноҳӣ марбут ба эзиди Баҳман буд. Табақи сабзаро ба хотири эзиди Урдибиҳишт, ки нигаҳбони гиёҳу марғзорон буд, мениҳоданд. Барои Шаҳривар, ки эзиди нигаҳбону ҳомии маъдану филизот буд, дар табақе чанд сиккаи нуқрагин мегузоштанд. Испандро намоде аз Спандармад (Исфанд) мешумурданд ва ғайра.

Дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём омадааст, ки «Ойини мулуки Аҷам аз гоҳи Кайхусрав то ба рӯзгори Яздиҷурди шаҳриёр, ки охирин мулуки Аҷам буд, чунон будааст, ки рӯзи Наврӯз нахуст кас аз мардумони бегона мубади мубадон пеши малик омадӣ бо ҷоми заррини пурмай ва ангуштарӣ ва дираму динори хусравонӣ ва як даста хавиди сабзи руста (ҷави сабзи тозаруста) ва шамшере ва тиру камон ва давоту қалам ва аспе ва бозе ва ғуломе хубрӯй ва ситоиш намудию ниёиш кардӣ ӯро ба забони порсӣ ба ибораи эшон. Чун мубади мубадон аз офарин бипардохтӣ, пас бузургони давлат даромадандӣ ва хидматҳояш овардандӣ».

Дар асрҳои гузашта дар байни мардуми тоҷик дар айёми Наврӯз дар дастархони идона гузоштани ҳафт мева маъмул буд. Тавре дар ривоятҳо омадааст, то солҳои 50-уми асри гузашта дар деҳоту шаҳрҳои тоҷикнишин дар ҷашни Наврӯз дастархони наврӯзиро бо ғизоҳои гуногун оро медоданд. Дар дастархони бисёр хонаводаҳо дар табақҳо ҳафт навъи мева мегузоштанд. Ба дастархони ҳафтмева инҳо дохил мешуданд: анор, себ, нок, ангур, чормағз, бодом ва ғулинг (зардолуи хушк). Баъзеҳо мувофиқи имконашон ба ҷойи баъзе аз инҳо меваҳои дигарро ба мисли питаву тутмавиз ва ғайра мегузоштанд. Барои онҳо муҳим набуд, ки номи кадом мева бо кадом ҳарф шурӯъ мешавад. Ҳар хонадон мувофиқи имкону шароит дастархони идона мероост. Аз нӯшокиҳо ғулингоб хеле маъмул буд ва имрӯзҳо низ он аз нӯшокиҳои барои тандурустӣ хеле судманди тоҷикон аст.

Эрониён табақро «синӣ» меноманд, ки муарраби «чинӣ» аст, яъне лаълие, ки аз Чин овардаанд ё ба тарзи чинӣ сохта шудааст. Шояд аз ҳамин баромада таъбири «ҳафтсин»? Пас, «ҳафт син» бояд аз ҳамин ҳафт синӣ, яъне ҳафт табақ гирифта шуда бошад. Ибораи «ҳафтшин» ва гузоштани неъматҳо бо ҳарфи «ш» баъдтар дар пайравии «ҳафтсин» ба вуҷуд омадааст.

Дар Эрони бостон қабл аз фаро расидани Наврӯз ба истиқболи ин ойини бузурги миллӣ суфраи наврӯзии худро бо ҳафт гулу гиёҳ ва сабза, ҳафт хӯша ё донаи аз ҳубубиёти мухталиф, каме қанд, ҳафт сиккаи сафеди нуқра, як шохаи гули судоб, дар дохили ҳафт табақи сафолии сафед, ки ба тарзи зебое чида шуда, бо ҳафт шоха аз дарахтони анор, биҳӣ, гирду, бодом, булут, зайтун ва себ тазйин менамуданд.

Ҳар хонаводаи эронӣ мувофиқи имконияти молӣ ва салиқаи шахсии худ ҳафт сиккаи тилло, шамъ, миқдоре шири тоза дӯшидашуда, нони кумоч, ҳафт кулчаи аз бодому чормағз ва кунҷид таҳияшуда, тухм, асал ва ҳафт ҷоми сафед, ки дохили ҳар яке ширу асалу об ва чанд қатра гулоб рехта шуда буд, дар сари суфраи идона қарор медоданд.

**Тоҷиниссои ЗАЙНИДДИН**

# Унсурҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон



**Яке аз сарчашмаҳои асосии Наврӯз ҷанбаи нуҷумӣ ё гоҳшуморӣ - тақвимӣ будани он аст. Фарорасии Наврӯзро тибқи ҳаракати офтоб муайян мекарданд, ки онро нишонаҳои Хирфирипт яъне расидани офтоб меномиданд. Дар баробари нишонаҳои сода нишонаҳои мураккабтари муайян намудани фарорасии иди Наврӯз вуҷуд дошт. Дар миёни мардуми Бадахшон тақвимҳои махсус вуҷуд доштанд, ки дар ин тақвимҳои мардумӣ ҳисоби рӯзҳои сол аз рӯи ҳаракати офтоб дар андоми мард (узвҳои одам) сурат гирифтааст. Ин ҳисобро “хирҳисоб” (шуғнонӣ), ё “хур-ҳисоб” (рӯшонӣ) -ҳисоби хуршедӣ меномиданд.**

Тибқи ин ҳисоб 40 рӯз чиллаи калони зимистон аст (аз 20-уми декабр то 30-юми январ). Баъди тамоми шудани чиллаи калон ҳисоб аз рӯйи узвҳои бадани одам сар мешавад. Ҳар як узви одам дар ин ҳисоб аз се ва нуҳ рӯз иборат мебошад.

Баъди иди Хирпичор (Офтоб дар мард) вақте се ҳафта мегузарад ва чиллаи хурд тамом мешавад (тибқи тақвими ҳозира 20-уми феврал), иди дигар ё даври дуюми иди шогунӣ, ки онро дар Рӯшону водии Бартанг бо номи хӯроки - бат-айём, дар Шуғнону Шоҳдара боҷ- айём меноманд, фаро мерасад. Бат-айём ва боҷ-айёмро бо унвони «хир-чи-зӯн» (офтоб сари зону) низ ёд мекунанд ва ҷашн мегиранд.

Дар қисме аз маҳалҳои Шуғнону Рӯшон ва навоҳии дигари Бадахшон субҳи барвақти «Хир-чи-зӯн», ки чиллаи хурди зимистон низ ба охир мерасад, (аз 1 феварл то 10 феварл) бо чангу гарди рӯфтаи хона хокистари оташдонро низ гирифта, дар як гӯшаи замини кишт меандозанд. Дар қисме аз деҳоти ноҳияи Шуғнон, ки лаб-лаби дарёи Панҷ воқеанд, дар ин субҳ ба ғайр аз хокистари оташдон марди хона дудаи хонаро, ҳамчунин, бо як ё ду кулча ва стирахм (як навъи гиёҳи шифобахш)-ро гирифта, берун мебарояд. Кулчаро дар баландие барои раҳгузаре чун садақа мегузораду «ситирахм»-ро рӯи ҳавлӣ даргиронда мемонад, ки аз бӯи хушаш ҷинсҳои нопок дур гардаду ба хонадон фариштаҳо баракати солро ато кунанд. Хокистару дударо дар як гӯшаи қитъаи заминаш рӯи барф мепошад, ки ҳарчӣ зудтар барф об шаваду баракати хонадон ба замин пайваст гардад. Дар ин лаҳза ба он мард касе бояд дучор наояд, чаро ки агар яке аз дучоромадагон соҳиби ситораи саъд бошад, дигаре соҳиби ситораи наҳс аст.Чунин амалу эътиқодот пайвастагии рӯзгори инсонро ба замин нишон медиҳад.



Дар баъзе деҳаҳои ноҳияи Роштқалъа шом хокро оварда, дохили хона мемонанду саҳарии барвақт марди хона пеш аз ҳама аз хоб хеста, дасту рӯй шуста, хокро бо ду нони гандумӣ гирифта, ба рӯйи ҳавлӣ баромада, хокро ба тарафи рост пошида, нонҳоро ба хона оварда, онҳоро бо корд дар шакли «брух» (секунҷа) мебурад. Шояд дар замони пеш ду нон ё кулчаҳоро баровarda, барои фариштаи замин ё офтоб назр мекарданд.

Дар қисме аз маҳалҳо ҳамин рӯз соҳиби хона аз молхона гӯсфанде (аслан, гӯсфанде барои ид парваришшуда) гирифта, ба хона даровarda, пешаш обу алафу ғалла (ҷав) мегузоранд. Аз рӯи тасаввури мардум, агар гӯсфанд ба кадоме аз ин чизҳо майл кунад, он чиз ҳамон сол фаровон мешавад ва фаровонии ҳар яке аз ин ҷузвҳои табиат рамзи беҳбудии рӯзгори мардумро ифода мекардааст.

Дар ноҳияи Рӯшон «Бат-айём» аз хокдуздӣ ва хонасафедкунӣ оғоз меёбад. Дар ҳар як деҳа ҷойи махсуси хоки сафед аст, ки онро ба хотири дар иди Наврӯзи хурд сафед кардани девори хона истифода мекарданд. Шогунҷой меноманд. Маросими хокдуздӣ дар соати саъд (нек), ки онро халифа аз руйи китоби нуҷум муайян мекард - оғоз мешавад. Сухани халифа барои мардуми деҳот дар ин лаҳза хеле муҳим аст. Дар он ҷойе, ки хок мегиранд, мардҳо ҷамъ шуда, дуо мехонанд. Ӯ аз ҷои махсус дар сабад хок гирифта меорад. Баъди бозгашт ба хона, аҳли хонаводаро бо суханони «Шогун баҳор муборак!» табрик мекунад. Соҳибхоназан бо ҷавоби «Ба руйи шумо ҳам муборак!» ӯро истиқбол мегирад ва ба китфаш орд мепошад.

Тибқи ҳисоби тақвими мардумӣ вақте Офтоб аз рӯйи андоми мард аз зону (аз 21-уми феврал) ҳаракат карда, ба қалби инсон (зорд-дил) мерасад (21-22-уми март) ҷашни Наврӯзи оламафрӯз-Хидир-айёмро таҷлил мекунанд.

**А. ШОҲИНБЕКОВ,**
**мудири шуъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандаров**

# Воситаи пешгирикунандаи қонуншиканӣ

**Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар имрӯзҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида истодаанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.**



Воқеан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваҷтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, бинобар ин, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дорад.

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда дар як моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори шуъбаи санҷиши амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода иттилоъ дод, танҳо дар моҳҳои январ ва феврали соли равон мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, ба маблағи 3177050 сомонӣ 789 хариди назоратӣ гузаронидаанд, ки алҳол, 2023965 сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Ба гуфтаи ӯ, кор дар самти маҷбуран ситонидани бақияи қарзи ҷаримаҳои маъмурӣ (1153085 сомонӣ) идома дорад.

Тибқи иттилои номбурда, дар давоми ду моҳи соли 2019 аз тарафи шуъбаи санҷиши амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 346100 сомонӣ 67 хариди назоратӣ гузаронида, дар ин асос протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд ва то имрӯз 212400 сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Дар ин давра, аз ҷониби Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ба маблағи 395500 сомонӣ 96 хариди назоратӣ, шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) ба маблағи 282400 сомонӣ 68 хариди назоратӣ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо мақомоти ҳудудии он ба маблағи 635800 сомонӣ 187 хариди назоратӣ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ҳамроҳи нозиротҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ба маблағи 496000 сомонӣ 145 хариди назоратӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои тобеи он ба маблағи 801250 сомонӣ 161 хариди назоратӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба маблағи 134204 сомонӣ 43 хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ки аз ин қисми зиёди маблағҳо ба буҷет ворид шуда, барои ворид намудани маблағҳои боқимонда чораҷӯӣ идома дорад.

Инчунин, дар шаҳру ноҳияҳои Фирдавсӣ ба маблағи 85800 сомонӣ 25 хариди назоратӣ, Шоҳмансур 14 хариди назоратӣ ба маблағи 39700 сомонӣ, Сино 12 хариди назоратӣ ба маблағи 35000 сомонӣ, Ҳисор 13 хариди назоратӣ ба маблағи 52800 сомонӣ, Турсунзода 11 хариди назоратӣ ба маблағи 28600 сомонӣ, Рӯдакӣ 25 хариди назоратӣ ба маблағи 72600 сомонӣ, Хуҷанд 19 хариди назоратӣ ба маблағи 50600 сомонӣ, Исфара 20 хариди назоратӣ ба маблағи 96800 сомонӣ, Конибодом 14 хариди назоратӣ ба маблағи 35200 сомонӣ, Мастчоҳ 12 хариди назоратӣ ба маблағи 30800 сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 9 хариди назоратӣ ба маблағи 28600 сомонӣ, Бӯстон 9 хариди назоратӣ ба маблағи 19800 сомонӣ, Бохтар 19 хариди назоратӣ ба маблағи 59400 сомонӣ, Қубодиён 9 хариди назоратӣ ба маблағи 22000 сомонӣ, Ёвон 7 хариди назоратӣ ба маблағи 31200, Восеъ 8 хариди назоратӣ ба маблағи 24200 сомонӣ ва Кӯлоб 5 хариди назоратӣ ба маблағи 13200 сомонӣ гузаронида шуда, маблағҳои он қисман ба буҷет таъмин гардида, барои пардохти маблағҳои боқимонда чораҷӯӣ идома дорад.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти мақомот дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ аз ҷониби нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он, ки дар шаҳру ноҳияҳои зикргардида хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо ҳамагӣ як хариди назоратӣ гузаронида шудааст ё умуман хариди назоратӣ гузаронида нашудааст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Панҷакент Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Панҷ ва Темурмалик дар ду моҳи соли 2019 ягон хариди назоратӣ гузаронида нашудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои, Файзобод 2 хариди назоратӣ, Роғун 3 хариди назоратӣ, Рашт 2 хариди назоратӣ, Ваҳдат 2 хариди назоратӣ, Истиқлол 2 хариди назоратӣ, Зафаробод 3 хариди назоратӣ, Деваштич 2 хариди назоратӣ, Ашт 2 хариди назоратӣ, Айнӣ 3 хариди назоратӣ, Хуросон 2 хариди назоратӣ, Ҷайҳун 2 хариди назоратӣ ва Дӯстӣ Ҳамадонӣ, Фархор Муъминобод, Ховалинг, Кӯшониён, Шамсиддин Шоҳин, Норак, Шаҳринав, Балҷувон ва Леваканд танҳо 1-той хариди назоратӣ гузаронида шудаасту халос.

Ин ҳам дар ҳолест, ки аз ҷониби шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳо оид ба гузаронидани хариди назоратӣ ва пешниҳоди сариваҷтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз чанд маротиба барқиянома ирсол карда шуда буд. Тибқи барқиянома ҳои ирсолгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ на кам аз 5 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ва беҳтар кардани самаранокии гузаронидани харидҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки бо риояи талаботи муқаррароти Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд. Камбудиҳои дар самти гузаронидани корҳои назоратӣ ҷойдошта бояд давра ба давра ислоҳ ва самаранокии фаъолият беҳтару хубтар таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки ҳатман аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Конгресс США намерен запросить налоговые декларации Трампа за 10 лет

**Законодатели собираются проверить, не использовал ли американский президент мошеннические схемы**

Бюджетный комитет нижней палаты Конгресса США завершает подготовку запроса о предоставлении ему налоговых деклараций президента страны Дональда Трампа за последние 10 лет, передает телекомпания NBC со ссылкой на собственные источники в законодательном органе.

Таким образом его сотрудники намерены проверить информацию об использовании американским лидером мошеннических схем.

Сообщается, что глава бюджетного комитета Палаты представителей Ричард Нил, который является демократом от штата Массачусетс, распорядился подготовить запрос в преддверии подачи Трампом очередной налоговой декларации – она должна произойти в ближайшие недели. Нил также попросил председателей нескольких комитетов нижней палаты Конгресса четко сформулировать, на каких основаниях им необходимы данные о финансах президента.

В Палате представителей только бюджетный комитет может напрямую потребовать налоговые декларации главы государства. Запрос поступит министру финансов Стивену Мнучину, и он решит, удовлетворять ли его. Нил не исключил, что направит запрос после завершения расследования спецпрокурором Робертом Мюллером якобы имевших место попыток России вмешаться в президентские выборы в США в 2016 году.

Демократы давно пытаются получить официальные данные о налогах Трампа. В октябре The New York Times писала, что он получил не менее 413 миллионов долларов от компании своего отца за содействие в уходе от налогов. Авторы статьи опровергают заявления президента о том, что он сам заработал свое состояние, почти не пользуясь финансовой поддержкой отца, известного девелопера Фреда Трампа.

http://www.aif.ru/politics

ҶОМЕА

# Фитна ва терроризм ду мафҳуми решапайванд

**Ҷомеаи имрӯзаи моро равияҳои номатлубе фаро гирифтаанд, ки ба зеҳну андешаи ҷавонон бетаъсир нест. Маълум аст, ки хатарноктарин зуҳуроти ҷомеаи муосир терроризму экстремизм мебошад, ки онҳоро вабои аср механд. Дар ҳамин ҳол, барои эмин будан аз ин хатарҳо бояд бо донишу ҷаҳонбинии васеъ мусаллаҳ буд ва аз фитнаву фитнаангезон дурӣ ҷуст. Зеро решаи терроризму экстремизм дар фитна аст.**

Фитна дар худ маъноҳои зиёде, ба монанди ошӯб, балво, ситеза, иғво, иғвогариро дошта, фитнаангез касеро гӯянд, ки муҷиби эҷоди фитна мешавад, яъне ошӯбгару вайронкор.

Имрӯз душманони миллати тоҷик, ки асосан дар хориҷ аз мамлакат паноҳ мебаранд, муқобили давлату Ҳукумат ва мардуми тоҷик аз фитна кор мегиранд ва бо ҳамин роҳ амалҳои номатлуби худро роҳандозӣ карда истодаанд. Ғолибан, дар ин маврид, қабл аз ҳама, доираҳои ҷавонон ҳадаф қарор гирифтаанд, то ба ҷалби ҳарчи бештари онҳо ба доми фиреб гурӯҳҳои табоҳкор битавонанд ҳадафҳои муғризонаи худро бароварда созанд.

Аз ин рӯ, ҷавонон бояд дарк намоянд, онҳое, ки худро аз берун дилсӯзи давлату миллат эълон кардаву дар асл бо манофеи халқ сари ситез доранд, ба абзори сиёсие табдил шуданд, ки имкон надорад аз хати кашидаи хоҷагони худ берун шаванд. Таҳти тасарруф ё фармони гурӯҳҳои бегона қарор доштани ин худбохтагон ҳеҷ далеле талаб надорад. Зеро ба ҳамагон маълум аст, ки дар хориҷа ошӯб барпо кардану иғво андохтан ва созмону гурӯҳҳое ташкил кардан хароҷоти муайян дорад ва ин хароҷотро ҳатман фармоишгарон пардохт менамоянд.

Дар идомаи таъсиси созмону гурӯҳҳои хасакие, ки ҳамагӣ ба нокомӣ анҷом шуд, бадхоҳони миллати тоҷик рӯи тарҳи дигар андешиданд ва ба он "Паймони миллии Тоҷикистон" ном гузоштанд, ки ба зудӣ аз сӯи неруҳои ақлонии ҷомеа паймони зиддимиллӣ унвон гирифт. Муассисони паймон ҳамон гурӯҳи иғвоангезу фитнаҷӯёне мебошанд, ки ҳадафашон ҳамоно бетағйир боқӣ мондааст, яъне ноором кардани вазъи дохилӣ ва ба ҳам задани суботи сиёсӣ дар кишвар мебошад.

Бо дарки ин ҳақиқат аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавононро зарур аст, ки бори дигар ба таъкидҳои Пешвои муаззами миллат оид ба ҳушёру зирак будан рӯ оваранд, дар ҳифзи арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ беш аз ҳар вақти дигар фаъол бошанд.

**Шамшоди ҶАМШЕД**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




## Муҳтарам андозсупорандагон! Хотиррасон менамоем:

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Муҳлати пешниҳоди эъломия оид ба андоз аз даромади хизматчии давлатӣ то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ муқаррар гардидааст

- Мувофиқи муқаррароти моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматчии давлатӣ" шаҳрванд ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ӯҳдадор мегардад, ки ҳар сол ба мақоми андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намояд.
- Тибқи талаботи моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки эъломия оид ба андоз аз даромадро ба мақомоти андози маҳалли зисти худ ба таври хаттӣ ё электронӣ пешниҳод намояд.



- **Барои сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод накардани эъломия оид ба андоз аз даромад тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.**
- **Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади хизматчии давлатӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**



**Ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияи андоз, пеш аз ҳама, хизматчии давлатӣ бояд дар портали хизматрасониҳои электронии сомонаи Кумитаи андоз (www.reg.andoz.tj) ба қайд гирифта шуда, баъд аз гирифтани иҷозат тавассути барномаи компютерии Системаи иттилоотии андоз (www.portal. andoz.tj) эъломия оид ба андоз аз даромадро ворид намояд.**



# ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Муҳтарам шаҳрвандон! Хотиррасон менамоем:

**Шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо уҳдадоранд, ки оид ба даромадҳои зерин, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин резидентҳо берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ гирифта шудааст, дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд ва ба меҳнати кироя мансуб нест:**

*- даромад аз иҷораи биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ ва дигар молу мулк;*
*- маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки аз 3 сол камтар ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯш дигар объектҳои ғайриманқул (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки аз 2 сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда мешавад;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки аз як сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши моликияти қиматноки таърихӣ (антиквариат).*

**ТО 1-УМИ АПРЕЛИ БАЪДИ СОЛИ ҲИСОБОТӢ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕИРО МУСТАҚИЛОНА ПЕШНИҲОД НАМОЯНД**

**Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони воқеӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**




**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Дилшод 2012» (РМА 510030050) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Деҳқон» (РЯМ 7610000219) воқеъ дар ноҳияи Роштқалъа, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулова Марҷона (РЯМ 0331238234) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдулхаева Дилафрӯз (РЯМ 0331190714) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷалолов Фирдавс (РЯМ 0331356933) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исломов Тоҷиддин (РЯМ 0330018279) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Давлатова Райхонгул (РЯМ 0531009010) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгири ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ мутаалиқ ба ҶДММ «Румӣ» (РЯМ 0410003972) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Гувоҳнома дар бораи додани РМА тахти рақами 220002469 мутааллиқ ба ҶДММ «Румӣ» (РЯМ 0410003972) аз ноҳияи Рӯдакӣ, бинобар гум шуданаш,беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Набиҷонов Дилшодҷон (РЯМ 6330140355) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Йимаму Ниязи (РЯМ 6330041337) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маймаитиайлӣ Абдурейиму (РЯМ 6330096401) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зарипов Мӯминҷон (РЯМ 6330182375) аз ноҳияи Б.Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бекмуродов Суҳроб (РЯМ 1630011158) аз ноҳияи Шаҳринав, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба ҶДММ «Некбахтҷон» (РЯМ 5210000052) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Разакова Саида (РЯМ 6230177819) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алиқулов Азамат (РЯМ 6230164683) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Халифаев Роҳбар(РЯМ 1930020437) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Фахриддин» (РЯМ 1930010812) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Табаров Толиб (РЯМ 2230017167) аз ноҳияи Данғара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муасиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти заруриро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид менамоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти заруриро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 "Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо" Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Наврӯз муборак!

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ МУСТАҲКАМШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Истгоҳҳои мошинҳову тракторҳо (ИМТ -- МТС) ба маблағгузорӣ аз буҷет гузаронида мешуданд. Дар натиҷа механизми маблағузорӣ сода шуда, вобастагии ИМТ аз вазъи молиявии хоҷагиҳои дастаҷамъӣ, ки бе он ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ хароб буд, барҳам мехӯрд. Ба ҳамин тариқ, аз соли 1938 сар карда ҳамаи хароҷоти ИМТ аз буҷет ворид мегардиданд ва аз ин ҳисоб эҳтиёҷоту ниёзмандиҳои ИМТ қонеъ мегардиданд. Вале ин чорабинӣ муваққатӣ буд. Анҷумани XX ҲКИШ (КПСС) масъалаи ба ҳисоби худтаъминсозӣ гузаронидани ИМТ-ро ба миён гузошт.

Соли 1938 буҷетҳои давлатии ҷумҳуриҳои мухтори Иттиҳоди Шӯравӣ ва маҷмӯи буҷетҳои маҳаллӣ ба Буҷети давлатии ИҶШС мутаҳид гардонида шуданд. Дар айни замон бо хоҳиши иттифоқҳои касаба ва Буҷети давлатии ИҶШС маблағҳои буҷетии суғуртаи иҷтимоии давлатӣ зам карда шуданд.

Дар Панҷсолаи сеюм бо сабаби афзоиши хатари ҳуҷуми фашистон маблағгузорӣ барои мудофиа зиёдтар гардид. Дар солҳои панҷсолаҳои аввал хароҷот ба мудофиа 5,2 млрд рубл ё 11,3 % хароҷоти буҷетро ташкил медод. Солҳои 1938 – 1940 ин қабил хароҷот ба 11,9 млрд ё 26,3% хароҷоти буҷет расид. Дар ин давра ҳаҷми захираҳои буҷетӣ афзуданд ва маҳз онҳо буданд, ки мушкилоти моҳҳои нахустини ҷанг рафъ гардиданд. Солҳои 1941 – 1945 хароҷоти мустақими ҳарбӣ 55,1 млрд рубл ё аз ним зиёди тамоми хароҷоти буҷетро ташкил доданд. Вазъи ба миёномадаи ҷангӣ тағйиротро дар сиёсати молиявӣ, дар механизми молиявӣ ва буҷетӣ тақозо менамуд.

Дар солҳои ҷанг дараҷаи марказонидани маблағҳои буҷет шадидан баланд гардид; дар вазъияти ҷанг зарурати консентратсияи неру ва маблағҳо барои шикасти душман ба миён омад. Ҳиссаи буҷети умумииттифоқӣ дар маблағгузории мудофиа бад-ин қарор буд: 1940 – 75,9 % ; 1941 – 83,8 %; 1942 – 88 % ; 1944 – 85,6 ва 1945 – 83,9 %.

Тағйироти сиёсати молиявӣ пеш аз ҳама ба андозҳо аз аҳолӣ дахл мекард: андози махсуси ҳарбӣ ҷорӣ гардид, ки аз он ба буҷет 7,2 млрд рубл ворид гардид; аз андози муҷаррадон, шаҳрвандони танҳо ва оилаҳои бекӯдак, ки соли 1994 ба андоз аз муҷаррадон, шаҳрвандони танҳо ва оилаҳои хурди ИҶШС тадбил дода шуд, ба буҷет 0,8 млрд рубл 1 январи соли 1946 ворид гардид; ҳисоби андозбандии андози ба сабаби афзудани нархҳо дар бозор боло рафт. Дар маҷмӯъ пас аз тағйирот даромади буҷет аз ҳисоби андоз аз аҳолӣ дар солҳои ҷанг 13 % аз ҳаҷми даромадҳоро ташкил дод; ба ин даромадҳо инчунин пардохтҳои ихтиёрӣ ба тавассути вомбаргҳо – 26,4 % ҳаҷми даромади буҷети замони ҷанг илова гардид.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Ба истиқболи Арӯси сол



Деҳаи зебоманзари Баҳор. Имрӯз меҳмони ин диёри файзбор гаштем. Хеле дилкашу зебост, аз фазояш борони мушкбез меборад. Аз дур шамолаке майли вазидан дорад, то абрҳои гирёну сарсонро парешон созад, гӯё ӯ ҳам пайхас карда бошад, ки меҳмони олиқадре меояд. Пас аз чанде бод абрҳои тирароро паҳну парешон кард. Чашмаки офтоб аз гушаяки абр намоён гашт. Баробари намоён гаштанаш симои мардуми деҳаро низ болида кард, ба хурсандиашон шодии дигар зам намуд. Хуршеди ҷаҳонтоб акнун нурафшонӣ мекард. Ҳар зарраи рӯшноияшро бо сидқу ихлос ба мардум ҳадя менамуд. Ҳатто майсаи хурде, ки кӯшиши сар аз хок берун кардан дошт, бо баҳонаи нерӯ гирифтан аз офтоб чашм ба роҳи он Аруси нозанин буд, ки мо ҳам дар рафти сайру тамошои манзараҳои дилфиребси ин макон огоҳ гаштем.

...Оре, мардум имрӯз хурсанд буданд, бениҳоят хурсанд. Шодию нишот вуҷудашонро фаро гирифта буд. Аз чеҳраашон аён буд, ки пас аз хастагиҳои зиёду тӯлонӣ интизори чизе ва ё касе буданд, ки бо дидаи чор бесаброна роҳ мепоиданд. Аз миш-миши баъзе занҳо фаҳмидам, ки меҳмони деринтизорашон меомадааст. Бале! Мегӯянд хабарҳои тозаро, пеш аз ҳама, метавон аз забони занҳо шунид. Хостам фаҳмам, ки ин ҳама тараддуд аз баҳри чӣ ва ё барои кӣ? Занону бонувон, хурду калон либоси нав ба бар кардаву гул бари рӯ зада буданд, дастархон ороставу хонаҳо пироста карда, мунтазири касе ҳастанд. «Он меҳмони олиқадрашон кӣ бошад, аз куҷо бошад, ки ин ҳама омодагӣ ва меҳмоннавозӣ баҳраш намуда истодаанд, - худ ба худ фикр мекардам ва ҳайрон мешудам, - наход ҳамаи ин мардум барои як меҳмон омодагӣ дида бошанд, оё ӯ шахси обруманду соҳибмартаба бошад ва ё чӣ амали неке баҳри мардум анҷом додааст, ки барои иззаташ, ин ҳама талош доранд?». Барои посух гирифтан ба ин суолҳоям ба назди як гурӯҳ занҳое, ки либоси нав ба бар кардаанду лаби ҷӯ пудина мечиданд, рафтам. Бо баҳонае аз онҳо пурсидам, ки ин ниёзбӯро барои чӣ мечинед?

Яке аз занҳо гуфт: - Ба пешвози меҳмони деринтизорамон самбӯсаи алафин мепазем.

Боз пурсидам: - Он меҳмони деринтизоратон кист?

Гуфтанд: - Ба диёри хушманзари мо Арус меояд.

Ҳайрон шудаму гуфтам: - Арус меояд... Ин ҳама тараддуд барои як арус..

Гуфтанд: - Бале!

Гуфтам: - Охир ӯ аз куҷо меояд, аз ягон макони муқаддас меояд магар?

Хандида гуфтанд: - На!

Гуфтам: - Фаҳмо! Аз деҳи ҳамасоя меояд чӣ?

Гуфтанд: - На! Аз роҳи дур..

Гуфтам: - Пас ин роҳи дураш куҷо бошад, ки Аруси шумо аз он ҷо меомадааст ва барои омаданаш тамоми деҳа хушҳолӣ доранд, мебаланду мерақсанд. Чи қадар Аруси бақадру қимат будааст, қудумаш хуҷаста бошад!

Яке аз занҳо гуфт: - Ин Аруси нозанини мо бо қадамҳои некаш ҳар сол ба ин диёр файзу сафо, меҳру вафо меорад.

Тааҷҷуб кардаму гуфтам:- Магар ин Арус ҳар сол меояд?

Гуфтанд: -Бале! Ҳар сол бо пару боли наву иқболи нав!

Ҳайратам зиёд шуду боз пурсидам: - Чӣ хел? Чаро ҳар сол? Магар ӯ баъди омаданаш боз ба ягон кишвари дигар сафар карда меравад ва пас аз як сол меояд? Ва шумо ҳар соли нав ӯро ин гуна бо чеҳраи кушод ва шодию нишот, дафу чанг, рақсу суруд пешвоз мегиред?

Гуфтанд: - Бале! Ӯро бисёр дӯст медорем. Руҳи тоза мебахшад ба ин макону ба ин диёр. Ӯ буд, ки номи диёри моро то абад зинда кард ва бо ӯ ин рустои Баҳорро мешиносанд. Бо накҳаташ, бо сурураш бо суруду тараннумаш, қабои тозае мепӯшонад ба ин ҷо. Гӯё ҷони дубора мебахшад бо омаданаш ба ин макону ба ин одамон.

Аз ин гуфтаҳо шавқам ба дидани ин орази поксиришт зиёдтар шуд ва бетоқатона пурсидам:

- Кай меояд? Ман ҳам ба пешвозаш равам!

Гуфтанд: - Дар роҳ аст, наздик омадааст, чанд лаҳзае пас мерасад. Ман, ки бо либосҳои корӣ будам, ба ман гуфтанд, бо ин авзо намешавад, ба пешвози Аруси сол рафт. Ту ҳам бояд мисли мо либосҳои идона ба бар намоӣ ва худро оро диҳӣ. Сарравал бояд ғубори дилатро барорӣ, ки расм чунин аст. Аз касе ранҷида бошӣ, бубахшу гузашт кун ва кинаҳоро аз қалбат берун бисоз ва касеро ранҷонида бошӣ, бираву бахшиш бипурс, бо ӯ дӯст шав ва баъдан бо замири пок ва нияти нек бо мо ба пешвози ин Аруси накҳатофарин баро!

Хулласи калом, ман ҳам чунин кардам, мувофиқи расми роиҷ.

Ба фикрам, хонандаи зиррак пайхас кард, ки ин меҳмони олиқадрамон меҳмони ҳар як хонадон аст ва омаданашро ҳамагон бесаброна интизоранд. Оре! Дуруст фикр кардӣ: ин Аруси хуҷастапайро «Наврӯз» ном аст. Наврӯзи оламафрӯз, пайкрасони шодиҳо, гулафшонсозандаи қабои фазову замин, тароватбахшандаву сафоовварандаи ҳар як кошона. Биёед шумо ҳам барои пазироӣ аз он расмеро, ки мо анҷом додем, сармашқи худ намуда, бо дили софу беғубор якҷоя ба пешвози ин Аруси нозанин мебароем...

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

Боҷу Хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир **Фарзона ШАРИФӢ**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:**

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

- **Тел:** 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)
- **Навбатдор:** Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ
- **Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 70 914**